Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آوازتاجیک

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

3 апрели соли 2002. Чоршанбе № 24 (12767)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.30 имзо гардид.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи тадбирҳо оид ба маҳдуд сохтани афзоиши массаи пул ва баланд бардоштани масъулият барои риоя намудани интизоми молиявӣ

Ба мақсади такмил додани идораи массаи пул, кам кардани муовизаи ғайрибонкӣ, баланд бардоштани масъулият барои риоя намудани интизоми молиявӣ ва сари вақт баргардондани вомҳои гирифташуда:

1. Таклифи Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 1 июни соли 2002 дар бораи ба муомилот баровардани облигатсияҳои Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон пазируфта шавад.

Муқаррар карда шавад, ки:

облигатсияҳои Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон қоғази қиматбаҳои давлатӣ буда, дар байни шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ ҷойгир карда мешавад;

ликвиднокии облигатсияҳои Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бо тамоми активҳое таъмин карда мешаванд, ки дар ихтиёри Бонки Марказӣ мебошанд.

2. Ба Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад:

дар бадали як моҳ шартҳои асосии интишори облигатсияҳои Бонки Марказиро таҳия созад ва якҷоя бо Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатҳои дахлдори меъёриву равишомӯзиро тасдиқ намояд;

ба мақсади танзими оҷилии массаи пул бонкҳои тиҷоратиро ҷалб созад ва ба онҳо вомҳоро ба муддати се моҳ таҳти таъмини депозитҳои асъорӣ ва пулӣ, қоғазҳои қиматноки давлатӣ ва дигар активҳои дараҷаи аввал аз рӯи ставкаҳои фоизие пешкаш созад, ки дар бозори пул ба вуҷуд омадаанд.

3. Таклифи Ассотсиатсияи бонкҳои Ӯзбекистон, бонкҳои тиҷоратӣ дар бобати созмон додани Маркази ягонаи ҷараёни байнибонкӣ пазируфта шавад, ки амалӣ гардондани ҳисобу китобро тавассути карточкаҳои пластикӣ дар асъори миллӣ ва хориҷӣ таъмин месозанд.

Бонкҳои тиҷоратӣ то 1 январи соли 2005 аз додани ҳаққи пардохти гумрукӣ (ба ғайр аз маблағ барои расмигардонии гумрукӣ) ҳангоми воридоти банкоматҳо ва таҷҳизоте озод карда шаванд, ки барои ҳисобу китоб тавассути карточкаҳои пластикӣ истифода бурда мешаванд.

4. Ба бонкҳои тиҷоратӣ супурда шавад:

якҷоя бо мақомоти маҳаллии ҳокимият ва идора, субектҳои хоҷагидорӣ тадбирҳоро оид ба васеъ татбиқ кардани карточкаҳои инфиродӣ ва корпоративӣ ҳангоми додани музди меҳнат, амалӣ гардондани савдои чакана, додани ҳаққи хизмати коммуналӣ ва дигар хизмат, вусъат додани шабакаи минибонкҳо, кассаҳои бонкӣ ва банкоматҳое андешанд, ки ба аҳолӣ хизмат мерасонанд;

амалияи пешкаш кардани вом таҳти гарави амволи ликвидӣ, аз он ҷумла обектҳои истеҳсолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, воситаҳои нақлиёт ва дигар активҳои ликвидии корхонаҳо ва ташкилотҳо вусъат дода шавад;

ҳангоми додани вомҳо усулияти бозгардондани он, мӯҳлати иҷро ва сарпуркунии он бо назардошти арзёбии ҳамаҷонибаи таваккалкорӣ ва арзиши бозаргонии гарав қатъан риоя карда шавад;

амалияи пролонгатсияи вомҳо қатъан маҳдуд гардонда, танҳо мӯҳлати додани вомҳое ба таъхир гузошта шаванд, ки бо манбаъҳои воқеии воридотии маблағ барои пардохти он дар давраи амалӣ ба таъхир гузоштани он таъмин гардидаанд.

5. Муқаррар карда шавад, ки ҳангоми сари вақт иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои субектҳои хоҷагидорӣ аз рӯи вом амволи ба гарав монда, новобаста аз ризоияти қарзгиранда, ба амволи бонк бо ҳуқуқи фурӯши минбаъдаи он табдил меёбад.

Ба бонкҳои тиҷоратӣ ҳуқуқ ҳини аз ҷониби субектҳои хоҷагидорӣ сари вақт напардохтани қарздорӣ аз рӯи вом дар ин бобат дода шавад:

ба ҳисобсурати дуюми қарздорон, аз он ҷумла ҳисобсуратҳое, ки дар дигар бонкҳо кушода шудаанд, гузоштани талабномаи инкассавӣ, ки иҷрояш ҳатмӣ мебошад;

аз ҳисоб соқит кардани маблағҳои пулӣ оид ба сари вақт хизматрасонӣ ба вомҳое, ки таҳти кафолати ҳукумат дода шудаанд, баробари навбат ба навбат гузарондани ҳисобу китоб аз рӯи музди меҳнат, буҷа ва бунёдҳои ғайрибуҷавӣ;

ҳангоми қарздор набудани маблағ пардохти қарз аз рӯи вом аз ҳисоби амволи ликвидии қарздор бо ризоияти вай ва ё бо роҳи пешкаш кардани даъво барои гирифтани амволи қарздор ба судҳои хоҷагидорӣ.

Ба Бонки Марказӣ, Вазорати молия, Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдори тадбиргарӣ, Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, Суди Олии хоҷагидорӣ супурда шавад, ки дар бадали як моҳ тартиби даъворо ба амволи ликвидии қарздор ҳини сари вақт аз тарафи он напардохтани қарзи бонк таҳия созанд ва ба Девони Вазирон пешкаш кунанд.

6. Ба зиммаи сарварони маҷмӯъҳои Девони Вазирон, вазорату идораҳо, сарварони субектҳои хоҷагидорӣ ҷавобгарии шахсӣ барои риоя кардани талабҳои қонунгузорӣ оиди тайёр кардан, ташхис ва амалӣ гардондани лоиҳаҳои сармоягузорие, ки аз ҳисоби захираҳои вомгузорӣ ба рӯи об баровардa мешаванд ва сари вақт баргардондани маблағҳои қарздорӣ гузошта шавад.

Ба Вазорати молия якҷоя бо Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як моҳ Низомро дар бораи механизми иҷрои кафолатҳое таҳияву тасдиқ намоянд, ки Вазорати молия таҳти таъмини бонкҳои тиҷоратӣ бо вом додааст.

7. Ба Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад:

ба мақсади ба вуҷуд овардани шароити ягонаи кафолатноки амонатҳои аҳолӣ дар бонкҳо ва баланд бардоштани устувории молиявии онҳо талабро ба ҳаҷми ҳадди ақалли маблағи оинномавии бонкҳои тиҷоратии азнавсозмондодашуда ба андозаи 1,25 миллион доллари ИМА-и муодили сӯм муқаррар кунад;

аз 1 июни соли 2002 талабро ҷорӣ кунад, ки маблағи ҷойгир сохтани маблағҳои худӣ ва ҷалбгардидаи бонкҳои тиҷоратӣ дар активи дохила бояд аз маблағи оинномавии додашуда ва ҳаҷми ӯҳдадориҳои дохилаи бонк кам набошад.

8. Ба субектҳои хоҷагидорӣ ҳуқуқи амалӣ гардондани интишори облигатсияҳои худӣ дода шавад, ки аз ҳаҷми хазинаи оинномавии ба вуҷудоварда зиёд набошад.

Ба Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ якҷоя бо вазорату идораҳо супурда шавад, ки тадбирҳоро оид ба аз нимаи дуюми соли 2002 интишор намудани облигатсияҳои корпоративии субектҳои хоҷагидорӣ, дар навбати аввал корхонаҳо ва ширкатҳои калонтарини ҷумҳурият андешад, ки вазъи устувори молиявӣ, активҳои баландликвидӣ ва маблағи зиёдеро моликанд.

9.Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар бадали як моҳ:

ба Девони Вазирон таклифро дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ пешкаш кунанд, ки аз Фармони мазкур бармеояд;

мувофиқ гардондани санадҳои меъёрии вазорату идораҳоро ба Фармони мазкур таъмин созад.

10. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ӯ.Султонов ва раиси Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ф.Муллоҷонов гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон
И. КАРИМОВ.

шаҳри Тошканд,
30 марти соли 2002.

Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 29 март дар қароргоҳи Оқсарой президенти Корпоратсияи «Нестле» дар мамлакатҳои Осиё, Африқо, Австралия, Океания ва Шарқи Наздик Майкл Гарретро пазируфт.

— Дар Ӯзбекистон ба ҳамкорӣ бо «Нестле» диққату эътибори махсус дода мешавад, — гуфт ҳангоми мулоқот Ислом Каримов. — Дар мамлакати мо то ҳоли ҳозир ба амал баровардани корҳои бисёри муштарак боиси диққату эътибор аст. Маҳсулоти тайёркардаистодаи корхонаи муштараки «Нестле Ӯзбекистон» дар Намангон ниҳоят муҳим аст.

Пеш аз ҳама аз он сабаб, ки чунин маҳсулоти зарурӣ, аз қабили шири безараргардонидашуда ва хушк, йогурт, озуқаи бачагонро мо аз хориҷ кашонда меовардем. Чуноне ки маълум аст, дар мамлакати мо ба масъалаи ҳифзи тандурустии модарон ва бачагон дар дараҷаи давлатӣ диққату эътибори калон дода мешавад. Ба ҳамин муносибат мо аз ҳамкорӣ бо «Нестле» манфиатдорем.

Бояд тазаккур дод, ки дар натиҷаи ҳамкории байниҳамдигарӣ соли 1999 дар заминаи Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Нафосат»-и Намангон корхонаи калони муштарак ба арзи ҳастӣ шурӯъ намуд. Мувофиқи нақша дар бадали шаш соли наздик қариб 30 миллион доллари ИМА бояд азхуд мегардид. Дар бадали якуним сол 22 миллиони он азхуд гардид. Ҳоли ҳозир дар вилояти Намангон қариб 30 шабакаи қабули шир фаъолият дорад. Соли ҷорӣ миқдори онҳо ба чил адад расонда мешавад. Ҳамчунин соли 2002 ба содирот баровардани маҳсулоти арзишаш 2 миллион доллари ИМА пешбинӣ гардидааст.

Дар рафти мулоқот дар қароргоҳи Оқсарой оид ба масъалаҳои вусъати минбаъдаи ҳамкории корхонаҳои Ӯзбекистон бо Корпоратсияи «Нестле» мубодилаи афкор ба амал омад.

ЎзА.

Супурдани эътиборнома

Ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 29 март эътиборномаи худро Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Мисри Араб дар мамлакатамон Ҷамил Саид Иброҳим Файд супурд.

Миср яке аз аввалин давлати олами араб аст, ки мустақилияти Ӯзбекистонро эътироф намудааст. Идораҳои сиёсати берунаи ду мамлакат мунтазам машваратҳои муштаракро мегузаронанд. Беҳуда нест, ки мавқеи мо аз рӯи бисёр масъалаҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ба ҳам наздик мебошад.

Ҳамчунин ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ, равобити илмиву техникӣ ва фарҳангӣ байни мамлакатҳоямон собитқадамона инкишоф меёбанд. Аз он ҷумла, комиссияи муштарак оид ба ҳамкории иқтисодӣ маҷлисҳои худро мунтазам мегузаронад.

Ҳангоми сӯҳбат мавзӯи асосӣ рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба гардид ва Ислом Каримов ба сафири Мисри Араб комёбиҳоро дар фаъолияташ таманно намуд.

Ҷамил Саид ба Президентамон муборакбодии сарвари Миср Ҳуснӣ Муборакро расонд ва бовар кунонд, ки қувваву ғайраташро барои рушди минбаъдаи ҳамкорӣ байни мамлакатҳоямон дареғ намедорад.

Худи ҳамон рӯз ба Президент Ислом Каримов эътиборномаи худро Сафири Фавқуллода ва Мухтори Ҷумҳурияти Молдова дар Ӯзбекистон Ефим Килар супурд.

Сарвари мамлакатамон ба сафир ба муносибати оғоз ёфтани фаъолияташ дар Ӯзбекистон комёбиҳо орзу намуда, зикр кард, ки муносибатҳои мутақобила байни давлатҳоямон чун анъана мӯътадил мебошад.

Ҳангоми сафари давлатии Ислом Каримов ба Молдова соли 1995 Шартнома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни ду мамлакат ба имзо расида буд. Ӯзбекистон ва Молдова ҳамчунин ба ҷумлаи давлатҳое шомиланд, ки ҳамкории дуҷониба ва серҷонибаро ба роҳ мондаанд. Онҳо дар доираи сохторҳои байналхалқӣ, минҷумла, ИДМ амалиёти мутақобила доранд. Мамлакатҳои мо дар доираи ГУУАМ ҳам ҳамкориро вусъат медиҳанд.

Дар рафти мулоқот зикр ёфт, ки ҳаҷми муовизаи мол ба нерӯи мамлакатҳоямон мувофиқат намекунад, имкониятҳои истифоданашуда мавҷуданд, зарурати васеъ истифода бурдани онҳо ба забон гирифта шуд.

Сафири Молдова зикр намуд, ки корчаллонони мамлакати ӯ аз ҳамкорӣ бо тадбиргарони Ӯзбекистон манфиатдоранд ва баробари рушд бахшидан ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ мақсади асосии вазифаи минбаъдаи худро дар мусоидат кардан ба рушди минбаъдаи равобити фарҳангӣ мебинад.

Ҳангоми мулоқот оид ба масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба мубодилаи афкор ба амал омад.

(ЎзА).

Ба муносибати 2500 — солагии Тирмизшаҳр

Шаҳре, ки ба шарофати истиқлолият ҷавон мегардад

Ҳафриётшиносони ватаниву хориҷӣ осори атиқаи қадимаи аз тилло, маъдан сохташуда, сари сангии Буддоро, ки ба садаҳои мухталиф мансубанд, аз сарзамини қадимаи Сурхон ёфтанд ва онҳо алҳол нигораҳои нодири Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии Тирмизро ташкил медиҳад, ки дари худро ба муносибати 2500-солагии шаҳр боз кард. Баробари ин боз беш аз чил обекти ҷашнӣ ба хизмат пардохт ва иштирокдорони тантанаҳо онҳоро тамошо карда, аз ҳусну ҷамолашон сер нашуданд.

Шаҳр ба иди калон омодагӣ дид ва онро бо ҳусну тароввати тамоман нав пешвоз гирифт, ки ба шарофати истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон боз ҳам ҷавонтар гашта, ҳусни нотакроре пайдо мекунад.

Аз гузаштаи ин шаҳри бостонӣ бисёр ёдгориҳои таърихиву меъморӣ ҳикоя мекунанд, ки то ба қарибиҳо ба харобазор мубаддал гардида, ҳусни худро аз даст дода буданд. Ба шарофати истиқлолият ва ба муносибати ҷашни шаҳр аз нав барқарор ёфтанд. Якеи он қалъаи «Қирққиз» мебошад, ки тарҷумааш «Чил духтарон» аст. Ва ин ёдгорӣ то рӯзҳои мо расида омада, алҳол дар ҳудуди хоҷагии ширкатии «Намуна»-и ноҳияи Тирмиз маскан пайдо кардааст.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки ин ёдгорӣ дар садаҳои IX-X аз тарафи сулолаи сомониён сохта шудааст. Чоркунҷа буда, аз 54 хона иборат аст. Бари деворҳои қасри мазкур 1-5-2 метрӣ ҳастанд. Ва он имконият медиҳад чӣ дар фасли тафсони тобистон ва чӣ қаҳратуни зимистон ҳарорати мӯътадил таъмин карда шавад. Дар ин ҷо корҳои азнавбарқароркунӣ анҷом ёфта, қасри «Қирққиз» ба ҷумлаи обектҳое дохил карда шуд, ки иштирокдорони тантанаҳо онро бо чашмони хеш муоина карданд.

Алҳол дар воҳаи Сурхон арӯси сол-Баҳор ҳукмфармой мекунад. Ҳама ҷо сабзу хуррам, ободу зебо гардидааст. Тирмизи куҳанро аз як тараф фасли баҳор ҳусни нотакроре бахшида бошад, аз тарафи дигар дасти сеҳрофари ҳунармандон нақши муҳиме гузоштаанд. Охир, дар ин ҷо бисёр ҳунармандон аз гӯшаву канори ҷумҳурият омада, ба тағйир додани ҳусни Тирмизшаҳр саҳми муносиби худро гузоштанд. Ба туфайли меҳнати зарбдоронаи онҳо на танҳо даҳҳо иморатҳо қад кашиданд, балки сутунҳои навбатии маънавиётамон низ барқарор шуданд. Ва онро ҳар кас неъмати истиқлол мепиндорад.

Сурхон сарзамини бахшиҳост. Онҳо ҳусну тароват, зебогии ин кишвар, мардуми меҳнаткарину яккавлашро солҳои сол таранум кардаанд ва мекунанд ҳам. Достонҳои нав ба нав эҷод гардиданд ва ба туфайли истиқлол, ба муносибати ҷашни 2500-солагии Тирмизшаҳр достонҳои нав офарида шуданд ва минбаъд низ офарида хоҳанд шуд. Ва он бешак, сарчашмаи навбатӣ ба авлоди минбаъда гардида, аз корҳои бунёдкоронаи мо дар бобати сохтани ҷамъияти нав дарак медиҳад.

Шаҳр тантана дорад ва он ба саросари ҷаҳон бори дигар гӯшрас мекунад, ки мо ворисони муносиби ниёкони бузург мебошем.

(Хабарнигори мо).

Дар сурат: Мақбараи Мурчбобо.

Муҳокимаи масъалаҳои умдаи рӯз

Дар Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон маҷлис ба амал омада, таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири ҷумҳурият Ҳ.КАРОМАТОВ гузашт. Ба он сарварони вазорату идораҳо ва ташкилотҳое, ки ба маҷмӯи иҷтимоӣ шомиланд, роҳбарони бунёдҳо ва хазинаҳои мухталиф, ташкилотҳои ғайридавлатӣ даъват гардида буданд.

Дар он иттилои котиби масъули Кенгаши ҷумҳурии «Маънавият ва маърифат», сарвари Маркази ҷумҳурии «Маънавият ва маърифат» Аслиддин Болиев, вазири нигаҳдории тандурустӣ Фирӯз Назиров, сарвари бунёди байналхалқии хайроти «Соғлом авлод учун» Ойнисо Мусурмонова ва дигар сарварони вазорату идораҳо, бунёдҳо шунида шуданд. Зикр ёфт, ки талабҳои қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи забони давлатӣ» ва «Алифбои ӯзбек, ки асосашро ҳуруфоти лотинӣ ташкил медиҳанд» дар низоми Вазорати молия хуб иҷро мегардад. Аксар фармоишу тавсияномаҳо, фармонҳо ба забони давлатӣ иншо мегарданд. Дар байни коркунон омӯзиши забони давлатӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Курсҳои омӯзиши забони давлатӣ фаъолият пеш мебаранд.

Вале дар ин бобат як қатор камбудиҳо ҳам ҳастанд.Баъзан тавсияномаҳо, фармоишҳо ба ташкилотҳои поёнӣ минҷумла вилоятҳо бо забони русӣ ирсол мегарданд. Онро ташкилотҳои низоми вилоятӣ ба забони давлатӣ тарҷума карда, ба ташкилотҳои зертобеи худ мефиристанд.

— Маънавиёт болу пари пешрафт аст, — зикр намуд А.Болиев. — Аз ин рӯ онро озод кардан, аҳамияти калон касб мекунад. Аз ҳамин сабаб дар ин бобат корҳои муайян ба иҷро расонда шуданд ва тадбирҳои зиёде ҷомаи амал мепӯшанд. Алалхусус, ба гузарондани вохӯриву мулоқотҳо ба аҳолӣ таҳти унвони «Ғояи истиқлоли миллӣ: мафҳум ва тамсилҳои асосӣ» диққату эътибори калон дода мешаванд. Дар бобати тавзеҳи тамоилҳои асосии истиқлоли миллӣ чоп кардани ҳар гуна китобу рисолаҳо нақши калон мебозанд.- Ҳамчунин дар маҳалҳо гузарондани мулоқотҳои сершумор ба он мусоидат мекунад, ки то чӣ андоза маънавият ва маърифат болу пари пешрафт буданаш барьало намоён гардад.

Дар ин соҳа сари вақт бартараф кардани ҳар гуна камбудиҳо ҳам аҳамияти калон дорад.

Ҳифзи тандурустии модарон ва бачагон мудом дар маркази диққату эътибори ҳукуматамон таҳти сарпарастии Президенти худ мебошад. Соли гузашта беҳуда дар мамлакатамон «Соли модар ва фарзанд» эълон нагардида буд ва Барномаи давлатии дар ин бобат таҳиягардида самараи хуби худро бахшид. Соли ҷорӣ низ ин кор идомаи худро дорад ва тамоми корҳо дар пойгоҳи талаби қарори Девони Вазирон аз 25 январи соли кунун ба рӯи об баровардa мешаванд. Ва дар қарор андешидани тадбирҳои иловагие пешбинӣ гардиданд, ки ба солим тавлид ёфтани фарзандон ва тандурустии модарон алоқаманд мебошанд.

Сухан дар ин бобат пеш аз ҳама дар навбати аввал аз хусуси дар ҳаёти ҳаррӯзаамон таъмин кардани вазифаи ба назар оддӣ, вале ниҳоят муҳими «Модари солим-кӯдаки солим» меравад. Аз ҳалли вазифаи мазкур на танҳо ба вуҷуд овардани оилаи мӯътадилу солим, балки ба вуҷуд овардани муҳити солим умуман дар ҷамъият, фаровонӣ ва ояндаи халқамон вобастагӣ дорад.

Иштирокдорони маҷлис фикру мулоҳизаҳои хешро оиди масъалаҳои муҳокимагардида баён карданд ва қарорҳои дахлдор дар ин бобат қабул шуданд.

Э. НОДИР.

Маҷлиси гурӯҳи кории вакилони халқ

Маҷлиси хотимавии гурӯҳи кории вакилони халқ оид ба тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон даъвати дуюм ба амал омад. Маҷлис таҳти сарпарастии сарвари гурӯҳи корӣ, ҷонишини Раиси Олий Маҷлис Б. БУГРОВ гузашт.

Дар маҷлис натиҷаҳои корҳои баиҷрорасида оиди тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи ҳаштуми парлумони даъвати дуюм мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Сарварони зергурӯҳҳо А.Турсунов, Н.Ҷӯраев, И.Қаландаров хабар доданд, ки лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар маводҳое, ки ба муҳокимаи иҷлосия пешкаш мегарданд, сари вақт ба вакилони халқ фиристода шуданд. Фаъолияти кумитаҳо, комиссияҳо, гурӯҳҳои корбасти Олий Маҷлис дар давраи тайёрӣ дар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ равшан гардиданд. Масъалаҳои ташкиливу хизматрасонии техникӣ ба вакилони халқ ҳаллу фасл гардида, шароити мусоиди кор дар давраи тамоми фаъолияти иҷлосия фароҳам оварда шудааст.

Раисони кумитаҳо ва комиссияҳои Олий Маҷлис дар бораи рафти корҳои қонунбарорӣ иттилоъ дода, хабар доданд, ки аз фраксияҳои депутатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва блокҳои вакилони халқ, интихобкунандагон, ташкилотҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба миқдори зиёд таклифҳо оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва лоиҳаҳои қонунҳо расидаанд. Ҳама таклифҳои расида дар кумитаҳо ва комиссияҳои Олий Маҷлис бодиққат омӯхта, ҳангоми таҳияи хотимавии ҳуҷҷатҳо ба назари эътибор гирифта шуданд.

Дар маҷлис зарурати идома додани корҳо оиди таҳияи лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ, бодиққат омӯхтан ва ба назар гирифтани таклифу мулоҳизаҳои расида, амалӣ гардондани тадбирҳои пешбинигардида зикр ёфт, ки босамарии кори парлумонро таъмин месозад.

Иштирокдорони маҷлиси гурӯҳи кории вакилони халқ дар ин бобат дилпурӣ баён карданд, ки корҳои баиҷрорасида ба дараҷаи баланди сиёсӣ, касбӣ ва ташкилӣ гузарондани иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис мусоидат мекунад.

Шарҳи рӯзнома

Теша ба решаи исрофгарӣ

Дар Маҷлиси Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурият дар соли 2001 ва вазифаҳои минбаъда сарвари давлатамон Ислом Каримов масъалаи оқилона ва сарфакорона истифода бурдани захираҳои сӯзишвориву энергетикиро бори дигар ба байн гузошт. Аз он ҷумла, вазъи истифодабарии гази табиӣ, об, махсусан оби ошомиданӣ дар ҳолати ногувор буданашро алоҳида зикр намуд ва яке аз сабаби бебаркаш истифода бурдани ин захираҳои табиатро дар нагузоштани асбобҳои ба ҳисобгирии обу газ тавзеҳ дод. Аз ҳукумат талаб намуд, ки тадбирҳои таъхирнопазирро андешад.

Барои амалӣ гардондани вазифаҳои пешгузошта ҳукуматамон тадбирҳо меандешад. Аз он ҷумла, ба қарибӣ дар саҳифаҳои матбуот қарори Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди дар бадали солҳои 2002 — 2004 ба асбобҳои ба ҳисобгирии газ ҷиҳозонидани хазинаи манзил» эълон гардид, ки ба рӯи об баровардани тадбирҳои дар он пешбинигардида бешак, ба решаи исрофгарӣ теша зада, пеш аз ҳама барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолгарон нигаронда шудааст. Зеро то ҳоли ҳозир як низом ҳукмфармой мекунад. Оне, ки газу обро сарфакорона истифода мебарад ва оне, ки ба он муносибати бепарвой менамояд, яъне бебаркаш неъмати табиатро истифода мебарад, як хел ҳақ медоданд. Яъне ҳар хонадон нисбати ҳар як маскуне, ки дар қайд аст, барои истифодабарии обу газ ҳисобро баробар мекард. Ва он ноадолатӣ аст. Азбаски мо ҷамъияти адолатпарвару адолатнокро барпо мекунем, ба ин ҷараён бояд ҳатман хотима гузорем.

Ва бешак, қарори дар боло номбаркардаи ҳукуматамон барои таъмини адолатнокӣ дар ҷамъият нигаронда шуда пеш аз ҳама ба манфиати истеъмолгар нигаронда шудааст. Ва ин сатрҳо беҳуда зикр намеёбанд. Алҳол арзиши як асбоби ба ҳисобгирии газ аз бист ҳазор сӯм ва аз он ҳам зиёдтар аст. Ва на ҳар як сокини ҷумҳурият барои пардохти он қудрат дорад. Аз ҳамин ҳукуматамон ба банди алоҳидаи қарор чунин сатрҳоро беҳуда дохил накардааст: «гирифтан ва гузоштани асбоби баҳисобгирии газ дар квартираҳо ва хонаҳои истиқоматии инфиродии аҳолӣ аз ҳисоби маблағи корхонаҳои «Тошкоммунгаз»-и Оҷонсии «Ӯзкоммунхизмат» амалӣ гардонда мешавад».

Акнун саволи ҳаққонӣ ба миён омаданаш мумкин аст: чаро то ҳол ба ин масъала диққату эътибори зарурӣ дода нашуд. Гап дар сари он аст, ки дар мамлакати мо бунёдгари асбобҳои баҳисобгирии газ башумор аст. Аз ҳамин сабаб алҳол танҳо ба андозаи 7 фоизи талаб ин асбобҳо сохта мешаванд. Имконияти корхонаи муштараки ӯзбекистониву чинӣ дар ин бобат маҳдуд мебошад. Вале боварӣ ҳаст, ки баъди қабули ин қарори ҳукумат дар ин бобат корҳо ниҳоят ҷоннок мегарданду бисёр корхонаҳои ҷумҳурият, ки имконияти тайёркунии асбобҳои ба ҳисобгирии газу обро доранд, ба ин ҷараён ҳамроҳ гардида, барои суръатфизоии корҳо дар соҳаи мазкур саҳми худро мегузоранд.

Боз як далел: ҳукумат барои харид кардани чунин асбобҳо ба воми оҷонсии давлати вомгузории Испониё низ такя мекунад, ки он бефоиз мебошад ва бешак, як қатор қулаиҳоро фароҳам меоварад. Боз аз пардохти гумрукӣ озод кардани овардани асбобҳои баҳисобгирии газу об (ба ғайр аз маблағи расмигардонии гумрукӣ), аз додани андози арзиши иловагии маҳсулот озод кардани корхонаҳои Оҷонсии «Ӯзкоммунхизмат» низ як қатор имкониятҳоро дар бобати ба даст овардани фоида ба онҳо фароҳам меоварад.

Қарори ҳукумат, ки амалӣ гардондани он то 1 январи соли 2005 пешбинӣ гардидааст, пеш аз ҳама ба он мусоидат мекунанд, ки теша ба решаи исрофгарӣ зада шавад.

Дар бораи кушоиши иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис даъвати дуюм

Иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон даъвати дуюм дар шаҳри Тошканд 4 апрели соли 2002 соати $10.^{00}$ пагоҳӣ дар маҷлисгоҳи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон кушода мешавад.

Ба диққати вакилони халқи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Вакилони халқи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон 3 апрел аз соати $9.^{00}$ то соати $18.^{00}$ дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон номнавис карда мешаванд.

Ба маълумоти вакилони халқи Олий Маҷлис, ки ба таркиби фраксияҳои депутатии ҳизбҳои сиёсӣ ва блоки вакилони халқ шомиланд

3 апрел дар Олий Маҷлис соати 11.30 маҷлисҳои блоки вакилони халқ аз гурӯҳи ташаббускори интихобкунандагон, соати 14.30 фраксияи Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ва блоки вакилони халқ аз мақомоти сернамояндаи ҳокимият ба амал меоянд.

Ба пешвози иҷлосияи Олий Маҷлис

Ҳамоҳанги ба рӯҳу талаби замон

Мо ба сӯи ёздаҳум солгарди истиқлолияти Меҳанамон роҳ мепаймоем. Ҷамъиятамон нав мегардад, шуури халқамон ҳам пайваста тағйир ёфта, ба ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандии худ бештар сарфаҳм мераваду ба ояндаи бузургу дурахшон эътимодаш қавитар мегардад. Чунки мо душвориҳои давраи гузаришро мардонавор бартараф сохтем, ба ҳаёти нурафшону обод расида омадем ва акнун мебояд вазифаҳои навро дар ин бобат муайян кунем.

Иҷлосияи навбатии ҳаштуми Олий Маҷлис, ки 4 апрел ба кори худ шурӯъ мекунад, дар бобати муайян кардани

вазифаҳои нав ба нав ба мақомоти қонунбарории мамлакат, ки яке аз се рукни ҳокимияти давлатӣ дар Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад, нақши калоне хоҳад бозид. Зеро дар он ба муҳокимаи вакилони халқ масъалаҳое пеш гузошта шудааанд, ки аз ҳиҷати аҳамият аз яқдигар монданӣ надоранду аз бисёр ҷиҳат дар ояндa то чӣ андоза гардидани симои ҷамъиятамонро муайян мекунанд.

Агар қарори Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро аз 5 марти соли кунун «Дар бораи даъват намудани иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис даъвати дуюм» бо диққат муоина кунед, дар он сурат пай мебаред, ки масъалаҳои ба муҳокимаи вакилони халқ гузошташуда ба соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавии мамлакатамон дахлдоранду барои шаҳрвандонамон аҳамияти калон доранд. Минҷумла, се масъалаи аввал ба раъйпурсие дахлдор аст, ки 27 январи соли кунун дар ҷумҳурият гузаронда шуда, дар он шаҳрвандонамон муносибати худро ба ду савол: «Оё шумо дар даъвати минбаъда ба интихоби парлумони дупалатагӣ дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон розӣ ҳастед?», «Оё шумо ба тағйир додани мӯҳлати конституТсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз панҷ ба ҳафт сол розӣ ҳастед» баён карданд.

Ӯлий Маҷлис натиҷаҳои аз ана ҳамин раъйпурсиро дар иҷлосияи навбатии худ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Яъне вакилони халқ масъалаҳоро таҳти унвонҳои «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Дар бораи консепсияи корҳои қонунбарорӣ оид ба амалӣ гардондани қарорҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили фаъолияти рукнҳои қонунбарорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар раъйпурсии 27 январи соли кунун 13266602 шаҳрванде, ки ба рӯйхати овоздиҳандагон дохил гардида буд, иштирок намуда, 12113070 нафари он ҷавоби мусбӣ доданд. Яъне онҳо 91,58 фоизи миқдори умумии шаҳрвандонеро ташкил дод, ки ба рӯйхати овоздиҳӣ шомил гардида буданд. Ва он нисбати нишондиҳандаҳое, ки дар мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ аз ҳама мутараққии ҷаҳон қайд карда мешаванд, қариб 1,8 маротиба зиёд асту аз хеле фаъол будани шаҳрвандонамон гувоҳӣ дод. Дар раъйпурсӣ қариб як миллион нафар шаҳрванд иштирок накард ва он ҳаргиз маъное онро надорад, ки онҳо зидди роҳи пешгирифтаи мо мебошанд. Онҳо дар ин фикр собит монданд, ки парлумони мо якпалатагӣ боқӣ монаду мӯҳлати ваколати конституТсионии сарвари давлатамон тағйир дода нашавад. Яъне аз рӯи масъалаи якум 788828 нафар, ки он 6,35 фоизро ташкил медиҳад, аз рӯи масъалаи дуюм 995229 нафар, ё худ 8,22 фоизро ташкил медиҳад, тарафдори вазъи кунунии рукнҳои қонунбарору иҷроияи ҳокимияти давлатӣ будани худро изҳор карданд ва он ҳуқуқи конституТсионии онҳо мебошад. Аз рӯи натиҷаҳояш раъйпурсӣ барпогардида ҳисобида шуду акнун корҳои доманадор дар бобати ба «Дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили фаъолияти рукнҳои қонунбарорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар раъйпурсии 27 январи соли кунун 13266602 шаҳрванде, ки ба рӯйхати овоздиҳандагон дохил гардида буд, иштирок намуда, 12113070 нафари он ҷавоби мусбӣ доданд. Яъне онҳо 91,58 фоизи миқдори умумии шаҳрвандонеро ташкил дод, ки ба рӯйхати овоздиҳӣ шомил гардида буданд. Ва он нисбати нишондиҳандаҳое, ки дар мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ аз ҳама мутараққии ҷаҳон қайд карда мешаванд, қариб 1,8 маротиба зиёд асту аз хеле фаъол будани шаҳрвандонамон гувоҳӣ дод. Дар раъйпурсӣ қариб як миллион нафар шаҳрванд иштирок накард ва он ҳаргиз маъное онро надорад, ки онҳо зидди роҳи пешгирифтаи мо мебошанд. Онҳо дар ин фикр собит монданд, ки парлумони мо якпалатагӣ боқӣ монаду мӯҳлати ваколати конституТсионии сарвари давлатамон тағйир дода нашавад. Яъне аз рӯи масъалаи якум 788828 нафар, ки он 6,35 фоизро ташкил медиҳад, аз рӯи масъалаи дуюм 995229 нафар, ё худ 8,22 фоизро ташкил медиҳад, тарафдори вазъи кунунии рукнҳои қонунбарору иҷроияи ҳокимияти давлатӣ будани худро изҳор карданд ва он ҳуқуқи конституТсионии онҳо мебошад. Аз рӯи натиҷаҳояш раъйпурсӣ барпогардида ҳисобида шуду акнун корҳои доманадор дар бобати ба ташкил намегардад. Сараввал, мебояд қонунҳои нав қабул гардида, ба қонунҳои пештара, алалхусус Сарқонун-КонституТсия тағйироту иловаҳо дохил карда шаванд. Ва он кори як моҳу думоҳа нест, ҳараёни дуру дароз буда, мебояд то интихоботи навбатии вакилони халқ ба парлумон анҷоми худро ёбанд. Аз ҳамин сабаб Кенгаши Олий Маҷлис ба самъи вакилони халқ масъалаҳоро «Дар бораи консепсияи корҳои қонунбарорӣ оид ба амалӣ гардондани қарорҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи натиҷаҳои асосии ташкили фаъолияти рукнҳои қонунбарорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ» пешкаш кардааст. Яъне ба вакилони халқ, ки намояндагони табақаҳои мухталифи ҷамъият, ташкилоту созмонҳои ҷамъиятӣ, мақомоти сернамояндаи ҳокимият ва худидораи шаҳрвандон мебошанд, маслиҳату машварат карда мешавад.

Гузаштан ба парлумони дупалатагӣ дар Ӯзбекистон воқеаи оламшумул дар аҳамияти калонро дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ молик мебошад. Аз ин рӯ, ба вуҷуд овардани механизми яклухти он, ҳар як мурваташ равон ва бенуқс кор карданаш низ аҳамияти муҳим касб менамояд. Охир палатаи болоӣ масъалаҳои минтақавӣ, палатаи поёнӣ бошад, фикри табақаи муайяни ҷамъиятиро ифода менамоянд. Палатаи болоӣ аз вакилони халқе ташкил меёбад, ки аз ҷониби кенгашҳои маҳаллии вакилони халқи вилоятҳо, шаҳри Тошканд ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон интихоб карда мешаванд. Вакилони халқ дар палатаи поёнӣ асосан аз намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ таркиб меёбанд. Яъне, вакилони халқе дар палатаи поёнӣ аз интихоб мегузаранд, ки талаби асосӣ дар ин бобат касбу малака мебошад. Палатаи поёнӣ касбӣ мегардад. Палатаи болоӣ бошад, бо қабул кардани қонунҳо аз нигоҳи манфиатҳои маҳал шуғл меварзад. Бо ҳамин васила пухтаву нишонрас таҳияву қабул кардани қонуну қарорҳо таъмин мегардад.

Вакилони халқ дар иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис масъалаи иҷрои Бучаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро дар соли 2001 мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки соли 2001 чун солҳои охир дар иқтисодиёти мамлакат тамойилоти ҷонибдории мӯътадилии меҳиқтисодиёт ва собиткадамона пеш рафтани иқтисодиёти моро таъмин сохт. Ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила ба 4,5 фоиз афзуд. Бори аввал аз рӯи нишондиҳандаҳо иқтисодиёти мо ба натиҷаҳои соли 1991 муваффақ гардид. Яъне афзоиш нисбати соли 1991-ум ба 103 фоиз рост омад. Аз ҳама муҳимаш, мувозанати молиявии иқтисодиёт умуман дар даҳаи давлатӣ ва ҳам дар даҳаи минтақавӣ соҳаҳо таҳким ёфт. Аз ҳисоби амалан барзиёд иҷро гардидани тамоми нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷаи давлатӣ ба мо муяссар гардид, ки на танҳо корҳоро аз рӯи пардохти буҷаи амалӣ гардонем, ҳифзи иҷтимоиро пурзӯр намоем, дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти воқеӣ сармоягузориро таъмин созем, балки соли молиявиро бо камчинии буҷавии кам аз як фоиз аз маҳсулоти умумии дохила ба анҷом расонем. Ҳол он ки ин нишондиҳанда 1,5 фоиз ба нақша гирифта шуда буд. Соли сипаришуда боз ҳам амиқ гардондани ислоҳотҳое, ки дар ҷумҳурият ба рӯи об бароварда мешаванд, боз ҳам пурзӯр кардани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, муназзам таракқӣ додани иқтисодиёт, боз ҳам такмил додани инфрасохтори молиявии иқтисоди бозаргонӣ, низоми андоз чун ҳамешагӣ самтҳои бартариноки сиёсати буҷавиро ташкил дод. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳимоя намудани аҳолӣ, таъмини пайваста зиёд кардани музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷавӣ, идрорпулӣ ва нафақаҳо, ислоҳсозии низоми таълим ва тандурустӣ, бо маблағ фаро гирондани сохтмони асосӣ ва дигар тадбирҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ самти бартариноки ҳароҷоти буҷа буданд.

Вакилони халқ дар иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис ҳамчунин силсилаи лоиҳаи қонунҳоро дар қироати дуюм баррасӣ мекунанд, ки дар бобати амиқ гардидани ислоҳот дар соҳаҳо, боз ҳам рушд бахшидани фаъолияти тадбиргариву соҳибкорӣ аҳамияти калон касб карда, баъзе муаммоҳои мавҷударо дар соҳаҳои ҳоҷагии халқ аз байн мебардорад. Ба ҷумлаи ин лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, қонунҳо «Дар бораи иттиҳодҳои вомгузорӣ», «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи кафолатҳои ҳифзи амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳо», «Дар бораи партовҳо» ва «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурияти Ӯзбекистон»-ро шомил гардондан мумкин аст. Кодекси шаҳрсозӣ ба мақсади мувофиқ гардондани санади қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқии соҳаи мазкур таҳия гардида, дар он манфиатҳои давлат, ҷамъият, шахсони ҳуқуқиву ҷисмонӣ дар соҳаи шаҳрсозӣ, муносибатҳои ҳуқуқии байни обектҳо ва субектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ, ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои онҳо баён гардидаанд. Лоиҳаи қонун «Дар бораи иттиҳодҳои вомгузорӣ» асосии ҳуқуқии фаъолият, махсусияти созмон додан, аз нав ташкил додан ва барҳам задани иттиҳодҳои вомгузорӣ, тартиби дар фаъолияти онҳо иштирок намудани шахсони ҳуқуқиву ҷисмонӣ, ҳамчунин ваколати Бонки Марказиро оид ба танзими фаъолияти онҳо дар бар гирифтааст.

Лоиҳаи қонун «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» бошад, барои фароҳам овардани шароит ба рушди минбаъдаи бозори суғурта дар мамлакатамон мувофиқи меъёру андозаҳои байналхалқӣ нигаронда шудааст. Меъёрҳое муқаррар карда шудааанд, ки барои пешгирӣ кардани даҳолати ғайриқонунии мақомоти назоратқунанда аз болои фаъолияти онҳо нақши калоне мебозанд.

Лоиҳаи қонун «Дар бораи кафолатҳои ҳифзи амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳо» ба вуҷуд овардани низоми кафолатҳоро ба амонатҳои шаҳрвандон дар мавриди сар задани ҳодисаҳои нобаҳангом, минҷумла, аз литсензия маҳрум гардидани бонкҳои тиҷоратӣ ва ё худ аз нав ташкил ёфтани бонк ва ғайра, дар бар гирифтааст. Ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун таҷрибаи Олмон, Эстония, Дания барин мамлакатҳо ва ғайра истифода бурда шуд.

Қабули қонун «Дар бораи партовҳо» ба зарурати созмон додани низоми умумидавлатии идора дар соҳаи муомила бо партовҳо, татбиқи қарорҳои замонавии техникӣ ва технологӣ оид ба безарар гардондани онҳо алоқаманд мебошад.

Дар ҳаёт татбиқ кардани қонун имконият медиҳад таъсиррасонии манфии партовҳо ба муҳити атроф, тансиҳҳатии шаҳрвандон барҳам зада, партовҳо ҳамчун манбаи иловагии ашёи хом дар хоҷагии халқ ҳатталимкон истифода гардand.

Вакилони халқи Олий Маҷлис ҳамчунин лоиҳаи Қонунро «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» муҳокима намуда, як қатор созишномаву шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро ратификатсия мекунанд.

Аз масъалаҳое, ки ба муҳокимаи вакилони халқ дар иҷлосияи навбатии парлумон пеш гузошта шудааанд, аён мегардад, ки ҳамаи онҳо умдаву аввалиндараҷа мебошанд ва барои рушди минбаъдаи мамлакат аҳамияти калон доранд. Ҳар кадоми он азму ирода ва манфиатҳои миллионҳо интихобкунандагонро ифодаву ҳимоя намуда, бо назардошти таклифу мулоҳизаҳои онҳо таҳия ёфта, ба муҳокима пешкаш гардидаанд.

Э. ТУРДИҚУЛОВ.

Дар суратҳо: лаҳзаҳо аз иҷлосияи ҳафтуми Олий Маҷлис даъвати дуюм.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Рушди инсон аз маблаг аст!

Мувофиқи Маърӯзаи СММ дар бораи инкишофи инсон барои соли 2001 омадааст, ки дар тӯли 30 соли охир дар ҷаҳон умри миёнаи инсоният аз 60 то 70 сол зиёд гардидааст. Бо вуҷуди он ки дар тӯли даҳсолаҳои охир умри инсон даҳ сол дарозтар гардидааст, дар назди ҷамъият ва давлатҳо вазифаҳои бузург ҳанӯз вуҷуд доранд.

Дар иқтисоди садаи XXI инсон дар баробари тамоми захираҳои иқтисодӣ дар мадди аввал қарор хоҳад гирифт, ки Конфронси байналмилалии таъмини молии инкишофи инсон дар моҳи гузаштаи сол дар Монтерреи Мексика аз ин нигоҳ бесобиқа буд.

Инсоният пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо қадамҳои боэътимод рушд меёбад, аммо ҳамзамон имрӯз аз 4,6 млрд. аҳолие, ки дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф иқомат доранд, 826 млн нафараш аз озуқаи оддии рӯзмарра бояду шояд баҳраманд намегардад, то ки ҳаёти муқаррариву солим ва фаъолона дошта бошад. Дар шароите, ки дар аксари давлатҳои Урупо ва Амрикои Шимоливу Осиё тақрибан аксари аҳолӣ саводи оддиро азбар намудаанд ва онҳоро ба тоифаи «саводнок» дохил менамоем, аз рақами боло 850 миллион нафари дигар дар он кишварҳо бесаводанд. На ҳама медонад, ки имрӯз дар бисёр мамлакату минтақаҳои ҷаҳон қариб як миллиард нафар аз оби ошомидӣ бебаҳра аст. Ё ин ки тақрибан дуввуним миллиард ҷамъияти кишварҳои рӯ ба инкишоф шароити оддии санитарии зистро надоранд.

Меъёри саводнокии ҷамъият ва ояндаи он маъмулан аз ҳисоби насли наврас гирифта мешавад ва ин насли давр чеҳраи ояндаи ҳар давлатро муайян мекунад. Лекин 325 миллион наврасоне, ки ҳоло умуман аз даргоҳи мактаб бехабаранд, барои ояндаи мамлакати худ кӣ хоҳанд буд? Худи зиндагии онҳо як давлат аст,агар ба назар бигирем, ки ёздаҳ миллиони дигар ҳанӯз то синни панҷсолагӣ ҳаётро падруд мегӯянд, дар ҳоле ки онҳоро аз марг имкони наҷот додан вуҷуд дорад.

Аз рӯи меъёрҳои байналхалқӣ ҳар инсон барои чун инсон зистан рӯзе бояд на камтар аз як доллар даромад дошта бошад. Аммо аз он миқдор 1,2 млрд. нафар рӯзе ба камтар аз як доллар кути лоямут дорад.

Дар маърӯзаи мазкур на танҳо рақамҳои маъюскунанда, дар он инчунин аз бобати беҳтар гардидани баъзе ҷиҳати ҳаёти инсоният зикр мегардад. Гуфта мешавад, ки бо саъю кӯшиши созмонҳои байналмилалӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ дар панҷоҳ соли охир ба шарофати вакситсия, беҳдошти сиҳҳати омма, покизагӣ ва санитария, инфрасохтори ҷамъиятӣ дар ҷаҳон ҳаёти миёнаи инсон чунон зиёд гардид, ки он дар таъриҳи сабтшудаи башарият назир надорад. Дар ин сӣ сол инчунин марги кӯдакон аз сад нафар ба ҳар ҳазор кӯдаки навзод то 50 нафар кам гардид, гурусна-гон аз 900 млн. ба 800 млн. поён омад. Теъдоди босаводони синни болои аҳолӣ аз 60 фоиз то ба 80 фоиз афзудааст.

Дар баробари ҳамаи ин дар партави қарорҳои Маҷлиси ҳазораи Созмони Милали Муттаҳид (сентябри соли 2000), ки дар он саронi 147 давлат ва умуман 191 мамлакат ширкат дошт, то соли 2015 фавти кӯдакон аз се ду қисм бояд кам гардад. Роҳбарони ин ҳукуматҳо инчунин ба ӯҳда гирифтаанд, ки миқдори онҳоеро, ки рӯзе ба камтар аз як доллар зиндагӣ доранд, ду баробар коҳиш диҳанд. Шумораи онҳое, ки аз гуруснагӣ азият мекашанд ва ҳам бо оби ошомидӣ таъмин нестанд, инчунин ду маротиба кам бояд гарданд.

Дар масъалаи саводноксозӣ на танҳо саросар бо таълими ибтидоӣ фаро гирифтани ҳамагон, балки духтарону писаронро баробар таълим додан дар мадди назар мебошад. Ва албатта кам намудани миқдори фавти модарон ва кӯдакони то панҷсола аз масъалаҳои муҳими ин барнома ба шумор меравад.

Дар бобати чиловгирӣ намудани паҳншавии СПИД, малярия ва дигар беморӣҳои хатарнок мавзӯъҳои алоҳида гирифта шудааст.

Имрӯз 60 фоизи аҳолие, ки аллакай бо ин гамхориҳо қариб фаро гирифта шудааст, дар 43 кишвари ҷаҳон ба сар мебаранд. Дар ин мамлакатҳо вазифаи ду маротиба кам намудани теъдоди онҳое, ки аз гуруснагӣ азият мекашанд, тақрибан муваффақ гардидаанд.

Бо вуҷуди ин дар дигар соҳаҳо бештар аз ними ин мамлакатҳо, ки аз онҳо маълумотҳои дақиқ дар даст ҳаст, вазифаҳои гузоштаро ӯҳда карда наметавонанд. Махсус барои чунин мамлакатҳо Сармуншии СММ раҳнамое таҳия намудааст, ки дар он вазъи ҷорӣ таҳлил гардида, роҳҳои ҳаракат нишон дода шудааст.

Масъалаи дигар — чиҳати муҳими ин ҳаракатҳои бузургмиқёс мебошад, ки он бо маблаг таъмин намудани ҳамаи ин барномаҳо аст. Ва конфронси Монтерре маҳз ҳамин мавзӯъро дар маркази диққат гузошт. Аз рӯи хулосаи ҳайати бонуфузу босалоҳият ҳоло барои татбиқи ин барномаҳо соле 50 млрд. доллар харҷ мегардад, ки ин дар таносуб бо даромади умумии ҷаҳонӣ дар сӣ соли охир камтарин маблаг мебошад. Аз хулосаи нави Бонки ҷаҳонӣ низ бармеояд, ки барои иҷрои вазифаҳои Маҷлиси ҳазораи тараққиёт барилова 40-60 млрд. доллари дигар ногузир аст.

Тоҷибой ИКРОМОВ,
шореҳи «Овози тоҷик».

Тӯҳфа ба ҷавонон ва бачагон

Дар рӯзҳои тантанаи наврӯзӣ дар шаҳраки Зафари ноҳияи Бекободи вилояти Тошканд бинои нави коллеҷи касбу ҳунар ба истифода супурда шуд, ки ба 900 нафар муҳассил таъин гардидааст. Дар ин даргоҳ ҷавонон аз сирру асрори шонздаҳ касбу кор бохабар мегардand.

Ҳамин қабил даргоҳи илм дар ноҳияи Гурлани вилояти Хоразм ҳам дари худро боз намуд. Ва ин натанҳо даҳҳо ҷавонони хоразмӣ, балки қароқалпоқистониро ҳам ба оғуши худ мегирад.

Дар Андиҷон бошад, боғи солимгардонӣ ва варзиш барои бачагон кушода шуд. Боғи мазкур қариб панҷ гектар майдонро ишғол намудааасту дар бунёдаш даҳҳо корхонаву ташкилотҳо иштирок намуда, нақши васоятгариро бозидааанд. Як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Дар ин ҷо бачагон на танҳо бофароғат истироҳат мекунанд, балки бо машғулиятҳои солимгардонӣ ва намудҳои мухталифи варзиш ҳам шуғл меварзанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар саросари ҷумҳурият мақдонро объектҳое меафзояд, ки ба ҷавонон ва бачагон хизмат мерасонанд ва барои ҳам аз нигоҳи маънавиву ҳам ҷисмонӣ ба камол расидани авлоди наврас нақши калоне мебозанд.

ЎзА.

Дирӯз, имрӯз ва фардои кӯл

Мӯйсафедон нақл мекунанд, ки замоне ин ҷо саросар хушкӣ буду инсонро пой, паррандаро бол месӯхт. Гала-гала аспу пода ва рамаи сершумор дар чарогоҳҳои сералафаш мечариданд. Баъди бунёди обанбори Чордара кам-кам маҷрои об ба ин дашту биёбонҳо омадан гирифтанд, ки оқибат якчанд кӯл ҳосил шуд. Масофаи умумии дарозии онҳо зиёда аз 200 километр ва бораш 18 километрро ташкил медиҳад.

Чанд соли охир (аз соли 1994 инчониб) дар натиҷаи аз обанбори Чордара омадани оби зиёд сатҳи оби кӯлҳои Арнасой, Тузкон ва Ҳайдаркӯл баланд шуда бойси зери об мондани майдонҳои зиёди ҳудуди вилояти Ҷиззаху Навой гардидааст. Назар ба ақидаи мутахассисон то соли 2000-ум зиёда аз 108.790 гектар майдон замини ноҳияҳои Арнасой, Зафаробод ва Фориши вилояти Ҷиззах, ки дар наздикии кӯл воқеанд, батамом зери об монданд. Албатта, ин масъала ҳамчун муаммои дар қаламрави Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омада имрӯзҳо аз тарифи телевизиону дигар расонаҳои ахбори оммавӣ инъикос карда мешавад. Ва сабабгори ин ҳама зарару талафотҳое, ки ба хоҷагиҳои ноҳияҳои дар атрофи дарёҳои Норину Сир ва кӯлҳои Арнасой, Тузкон ва Ҳайдаркӯл воқеъ буда расонида шудааст, аз худписандона муносибат намудани ҳамсоягон ва аз ҳад зиёд сар додани миқдори оби обанбори Тӯғтагули Ҷумҳурии Қирғизистон арзёбӣ карда мешавад.

Баҳри пешгирии хавфи об дар водии Фарғона якчанд обанборҳо бунёд карда мешавад. Бо мақсади он ки то фаро расидани мавсими обёрии заминҳои корам ҷараёни об қадре суст ва ҳаҷми он кам карда шавад. Ҳамчунин дар вилояти Ҷиззах обанбори Арнасойро месозанд. Кӯлҳои Тузкону Ҳайдаркӯл танҳо ба ноҳияи Фориш 1,156.421 ҳазор сӯм зарар расонидааст.

Дар хоҷагиҳои ба номи Ерембетов 35600 гектар, ба номи Омонкелдӣ 29700 гектар, хоҷагии Қизилқум 37400 гектар, хоҷагии «Фориш» 9100 гектар, ҳамагӣ 109100 гектар чарогоҳ зери об монд. 21-дона чоҳ (обкашак) дар атрофи деҳаи Кӯзтахи хоҷагии ширкати Арнасой буда, ки мансуби истгоҳи боридиву обии Чорӯарои ҷумҳурияти Қазоқистон мебошад, якчанд сол боз аз сабаби об бурдани насосҳояш аз кор бозмондааст. Қатъ гардидани кори чоҳҳо боиси шӯр задани бисёр заминҳои ин ҳудуд гардидааст.

Назар ба маълумотҳои баъзе даст омада 85 хонаи чӯпонон, 35-то кӯра, 100-то шахта, 19-то пунктҳои наслгирии сунъии чорво, 3060 метри тӯлонӣ роҳи мошингард ва 182 метри тӯлонӣ пулу кӯприкҳо аз кор баромаданд. Танҳо зарари аз кӯпрруку роҳҳои мошингард расида қариб 300 миллион сӯмро ташкил медиҳад.

Мисли зарару талафотҳои дар боло ном бурдем, хавф ба хоҷагиҳои ноҳияи Нуратои вилояти Навой низ бетаъсир намондааст. Як қисм чарогоҳҳои хоҷагиҳои ширкати «Қизилча», «Нурато»-ро об чун оҳанрабо ба доми ҳуд кашид. Аз ин сабаб ҳоло чарогоҳҳо барои чорводорӣ басанда нест. Роҳи мошингарди Нурато — Боймурод аз кор монд. Хавфи зери об мондани чанд манзилгоҳи моҳигирон ба вуҷуд омада буд, аммо онҳо ба ҷои дигар кӯчонида шуданд.

Имсол мушоҳида мешавад, ки баҳорон серборишу сол сероби меояд. Серборишу омадани сари сол бойси ободиҳост. Зеро ҳама чиз аз гиёҳи соддабарг то холиқи рӯи замин — одам ҳама ба об ниёз дорад. Аммо мисли талотуму туғёни кӯлҳои Арнасой ва Тузкону Айдаркӯлро чӣ гуна фардое интизор аст. Инро вақт собит месозад.

А. НАЗАРОВ.

Бо назардошти манфиатҳои соҳибкории хурду миёна

Биржаи ҷумҳурии молу ашёи хоми Ӯзбекистон зинаи муҳим дар инфрасохтори биржавии ҷумҳуриятамон ба ҳисоб меравад. Он ба сифати Ҷамъияти саҳҳомӣ аз соли 1994 фаъолият пеш бурда, барои ҳаллу фасли масъалаҳои рушди савдои яклӯхтфурӯшии биржавӣ, моломол кардани бозори ҷумҳурият бо маҳсулоти зарурӣ даъват гардидааст. Мувофиқи як қатор фармонҳои Президент ва қарорҳои ҳукумат фаъолияти биржаи ҷумҳурӣ пайваста такмил ёфта, ҷавобгӯи талабу давру замон мегардад. Аз он ҷумла, ба такмил додани сохтори ташкилии биржа, ба вуҷуд овардани бозори биржавии маҳсулоти маъданӣ, чӯбу тахта, масолеҳи бинокорӣ, татбиқи низоми ягонаи савдои электронии биржавӣ, таъмини аз савдои биржагии захираҳои моддиву ашёи хом бархурдор будани соҳибкории хурду миёна диққати эътибори доимӣ дода мешавад.

Соли гузашта мувофиқи қарори саҳҳомони биржаҳои ҳудудии молу ашёи хом ва ҷонибдории ҳукуматамон онҳо ба Биржаи ҷумҳурӣ ҳамроҳ карда шуданд. Бо ҳамин васила ба рушди соҳибкории хурдумиёна диққату эътибор калон гардид. Аз ин рӯ дар муовизаи молӣ бахшҳои Биржаи ҷумҳурӣ саҳми субектҳои соҳибкории хурду миёна 70 ва 80 фоизи ҳаҷми тамоми қарордодҳои ба имзорасидаро ташкил медиҳад. Вазни қиёсии муовизаи савдои яклухт нисбати соли 2000 дар бисёр вилоятҳо, минҷумла, Самарқанд, Сирдарё, Тошканд хеле афзуд. Аз ҳамин сабаб муовизаи савдои биржагӣ ва ярмаркагии биржаи мазкур соли ғузашта 157500 миллион сӯмро ташкил дод. Дар савдои биржагӣ ва ярмаркагӣ 6439 қарордод ба имзо расонда шуд, ки 1458 ададашро соҳибкорони ташкил медиҳад. Баробари ин бо субектҳои соҳибкории хурду миёна аҳду паймоне ба имзо расонда шуд, ки қимати умумии он ба 112 миллиард сӯм баробар мебошад. Яъне ваё ба 71 фоизи ҳаҷми умумии қарордодҳо баробар гардид. Ва ин нишондиҳанда нисбати соли 2000-ум 2 баробар зиёд будаанаш касро хурсанд мекунад.

Дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурият ба табдиргарон ҷои брокерӣ, чун қоида дар пойгоҳи имтиёз ва ё додани маблаги он дертар ҷудо карда мешавад. Махсусан ин ҷойҳо бештар ба муассисоти инфрасохтори иқтисоди бозаргонии маҳалҳо: палатаҳои молофарандагон ва тадбиргарон, ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ, ассотсиатсияҳои саройҳои техникӣ ва бизнес-инкубаторҳо ҷудо карда мешаванд, ки бевосита мададгори сохторҳои тадбиргарианд. Корхонаи махсуси «Биржасервисмарказ» созмон дода шудааст, ки ташкили хизматрасонии маҷмӯъӣ, созмони шабакаи магозаҳои савдои яклухту алоҳидафурӯшӣ барои субектҳои соҳибкории хурду миёна машғул мегардад. Корхонаи мазкӯр ду бахш дорад. Якеаш дар шаҳраки Ҳонобод буда, бозори ҷумҳурии масолеҳи бинокориро ташкил намудааасту маҳз тадбиргарон аз ҳамин ҷо масолеҳи бароёшон зарурӣ, техникаро пайдо карда метавонанд. Бахши дуюм дар кӯчаи Ӯсто Ширини шаҳри Тошканд воқеъ буда, дар ин ҷо 31 магозаи хурди чаканаву яклухтфурӯшӣ фаъолият пеш бурда, онҳо ба тадбиргарон ба иҷора дода шудаанд. Дар ин магозаҳо 5 ҳазор номгӯ маҳсулот фурӯхта мешавад ва аз ин рӯ шумораи мизоҷон пайваста меафзоянд. Баробари ин тадбирҳо оид ба кушодани магозаҳои нав, фароҳам овардани шароит барои истироҳати мизоҷон андешида мешаванд.

Маълум аст, ки талаб дар бозори ватанӣ ба маснуоти маъданӣ, чӯбу тахта ва масолеҳи бинокорӣ пайваста меафзояд. Яъне онҳо маҳсулоти камчин ба ҳисоб мераванд. Аз ҳамин сабаб дар назди Биржаи ҷумҳурӣ майдончаи (бахши) алоҳидаи тахассусонида созмон дода шудааст, ки бо фурӯши ин намуди маҳсулот шуғл меварзад. Он ҳамагӣ моҳи сентябри соли ғузашта созмон ёфта бошад ҳам, аввали соли кунун 379 қарордодро ба имзо расонда, 12806 миллион сӯмро маҳсулотро фурӯхт. Муовизаи фурӯши миёнаи ҳармоҳа 3203 миллион сӯмро ташкил дод, ки натиҷаи аз ҳама баланд дар биржаи ҷумҳурӣ мебошад.

Дар айни замон савдои махсуси музояда ойди фурӯши захираҳои моддиву ашёи хоми камчин барои соҳибкории хурду миёна дар маркази ҷумҳурии Биржаи ҷумҳурии молу ашёи хоми Ӯзбекистон гузаронда мешавад, ки дар он Палатаи молофарандагон ва тадбиргарон, Ширкати саҳҳомии «Ӯзулгуржисавдо» ҳам фаъолона иштирок мекунанд. Аз моҳи январи соли кунун дар савдои биржагии Биржаи ҷумҳурии молу ашёи хоми Ӯзбекистон истифода бурдани технологияи савдои электронӣ корро то андозае сабук гардонд. Як қатор кулаиҳо фароҳам омадааанд. Дар натиҷа мунтазам намоишгоҳу ярмаркаҳо барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна ташкил карда мешаванд. Ва онҳо самаранокии худ ва таъсирбахш будаанашонро дар амал собит мекунанд.

Ҳамин тавр, Биржаи ҷумҳурии молу ашёи хоми Ӯзбекистон мувофиқи талаби давру аёми қадам партофта, комёбиҳои худро рӯз то рӯз афзун гардонда, ба кӯмакрасони ҳақиқии субектҳои соҳибкории хурду миёна мубаддал ёфтааст.

Маркази иттилоотиву таҳлилии байнибиржавӣ.

Остони баланд

Олими нуктасанҷ Ботурхон Валихоҷаев 70 сола шуд

Ин субҳ низ мисли ҳама рӯзҳои дигар хеле барвақт аз хоб бархост ва аз он ки аз неъмати саҳархези тӯли умри сипардааш бархурдор будааст, изҳори қаноатмандӣ ҳам кард. Ба қавле, ҳар чи ёфт аз саҳархезӣ ёфт... ва пас аз ношто бо аҷала омодаи роҳ шуд. Ҳар субҳ ҳангоме ки хонаашро тарк мегуфт, хонаводаашро аз мақсади худ огоҳ мекард, чи масруфиятҳое дорад, хабар медод. Вале ҳоло пуршитоб худро ба кӯчаи серодам зад. Мавҷи дарёи пуршитоби раҳгузарон ӯро ба коми худ кашид. Аз ин дарё замоне худро берун кашид, ки аллакай ба Регистон расида буд. Аз гулфурӯши сари роҳ дастагуле харид ва боз ба роҳ афтид.

Дар субҳе, ки шаҳр пурғавғост, қабристонро хилват ва ором дарёфт. Аз миёни раддаи сағонаҳо ором-ором қадам зада, ба пои мазори падари азизу шариф ва арҷмандаш ва устоди меҳрубон шодравон Воҳид Абдулло расид. Алами ҷудоӣ аз падари азиз ва модари меҳрубон аз дили фарзандони асил то субҳи қиёмат ҳам нахоҳад рафт. Ёди азизи эшон чашмони ин марди зиндагидидаро пуроб сохтанд. Дастагулро пои мазори падар ниҳод, ба рӯҳи падар ва модар дуо кард ва аз паллаҳо поин омад. Ғайри ихтиёр ҷониби майдони марказии шаҳр роҳ гирифт. Дар хаёлаш қасрҳову кӯшкҳо ва манораи шаҳри азизаш Самарқанд ғайри мунтазира дар ҳоли аҷибе — саробуна давр мезаданд. Аз паллаҳои раҳраве, ки то маҷмаи ҳунарии Мадрасаҳои Регистон мебурд, поин шуд. Рӯ ба рӯяш тоқҳои зарҳалкории мадрасаи Шердор қарор дошт. Чун ба саҳнаи тоза таъмир ва тазйинкорӣ шудаи мадраса нигарист, чеҳрааш тағйир ёфт. Ёдаш омад, ки солҳои шаст маҷлиси бошукӯҳи иштирокчиёни даҳаи адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон ин ҷо баргузор шуд ва ӯ, ки он вақт хеле ҷавон буд, низ дар он иштирок дошт. Аз қоби ёдҳояш овози махмалии Маҳмуди Воҳид ба гӯшаш расид, ки он вақт бо як маҳорати фавқулодда, аввал ҳаҷвияи Фирдавсиро дар мазаммати Маҳмуди Ғазнавӣ хонд ва баъд шеъреро аз Лоҳутӣ, ки байти василаи онро ҳар гоҳе сухан аз садоқати фарзандон ба ватан равад, ёд мекунад:

Эй модари Ватан,
писаронат намурдаанд,
Осуда бош, гӯли аҷниб
нахӯрдаанд.

Ин байтро зери лаб такрор кард. На хурсанд буд, на хафа. Вале аз чеҳрааш эҳсос мешуд, ки қалбаш ноором аст. Ором-ором қадам мезад ва ҳушаш ба он солҳое рафт, ки қадру манзалати ҳунар баланд буд. Ба назараш дар ин даҳ сол одамон билкул дигар шуданд.

Зери таъсири андешаҳои гарон ба хона расид. Бесару садо вориди утоқе шуд, ки беҳтарин рӯзҳои ҷавонӣ, миёнсолӣ ва баъдиаш зери сақфи он сипарӣ шудааст. Утоқи ороста, ҷевонҳои пур аз китоб ва дар як гӯшаи он таълифоти худаш. Назди тирезаи утоқ рафт. Аз ин ҷо манзараи Регистон хеле равшан ба назар мерасид. Мардум пуршитоб роҳ меравад, ҳар кадоме аҷала дорад. Ба ёд овард ва тасдиқ кард, ки дар замони Шӯравӣ низ сокинони ин шаҳри қадим аз дигар шаҳрҳо дида сертараддуд буданд. Субҳи барвақт аз паи ризқу рӯзиашон мешуданд. Сокинони ин шаҳр дар тӯли таърих офатҳои зиёдеро аз сар гузаронида буданд, ки дар ин миён қаҳтиву қиматӣ, вабо, гуруснагӣ ва ғайра агар дар хоб ба ёди марди самарқандӣ ояд, ӯ бедор ва ҳушёр мешавад. Шояд ҳамин ҳаводис ҷанини солими зистанро дар хуни ин мардум зинда медорад, ки сахт дар ғами зиндагиянд. Ин падидаи хуб аст. Вале... Чаро шаҳри азизаш он шукӯҳи фарҳангии қадимро аз даст дод?! Сари миз омад, нишаст ва худ ба худ пичиррос зад, ки шояд хуб шавад. Баъд суоли дигаре дар сараш чарх зад: оё он ранҷи фарҳангие, ки дар тӯли ҳафтод соли умраш кашид, магар беҳуда буд? Ин суол ба назараш ноҷо намуд. Китоби сарнавишташ саҳифаҳое дошт, ки боясти сабаби ризоияти рӯҳи волидайн ва ифтихори бозмондагони дигар бошад. Чашмаш ба номаи тозарас афтид. Онро боз кард. Ҳайати таҳририяи доиратулмаорифи (энциклопедия) Кембриҷ ӯро ба муносибати сабти аҳвол ва осораш дар номгӯи «Тарҷумаи ҳоли чеҳраҳои ҷаҳонӣ» муборакбод гуфтаанд. Акнун ин падидаи фарҳангӣ танҳо мутааллиқ ба ӯ набуд, ҳамчун натиҷаи заҳмати беш аз чилсолааш ба халқ тааллуқ дошт, ба таърих мансуб буд...

Аз ин баландӣ ба собиқаи зиндагӣ ва рӯзгори сипардааш нигарист. Ҳарфи гуфтанӣ дошт... Кист ин марде, ки рӯзгори сипардааш таҷаллии гузаштаи таърихи фарҳанг ва раҳоварде барои ояндагон хоҳад монд?! Шарҳи ҳолашро агар дар мухтасаре ғунҷонем ба ин зайл аст: «Академик Ботурхон Валихоҷаев». Вале ин мухтасар тафсир, тасреҳ ва ташреҳи муфассале меҳоҳад.

Тафсири аввал:

— Домулло Ботурхон Валихоҷаеви Хилъатпур дар Самарқанд, дар хонаводаи инсони зубда, шахси фарҳангӣ Наберахӯҷаи Хилъат ба дунё омадааст. Муҳити хонаводагӣ барояш мактаби арзишманде буд, ки имрӯз аз он боифтихор ва сипос ёд мекунад. Модараш, ки аз хонадони зиёиёни пешраф буд, чашми хату савод дошт ва табиист, ки ба тақдири фарзанди азизаш бепарво буда наметавонист. Падараш Наберахӯҷа аз афроди бофазилати Самарқанд буда, дар бунёд ва пешрафти мактабу маориф саҳми калон дошт...

Падараш, ки савқи шоирӣ низ дошт, дар тарбияи фарзанди азизаш диққати бештар мекард. Муҳитеро барои фарзанд омода сохта буд, ки истеъдоди ӯ ҳамаҷониба инкишоф ёбад. Яъне заминаҳои пешрафти фикрӣ ва ҷисмонии Ботурхон ҳанӯз дар муҳити хонаводагӣ таҳия шуда буд.

Баъдтар Ботурхон кӯшиши волидайнашро дар инкишофи нирӯҳои зеҳниаш бо қадрдонӣ ба ёд меоварад. Муҳити хонаводагии саршор аз муҳаббат ва меҳрубонӣ, ба назари ӯ, ба фарзандон нируи эътимод ва устувории хислатро афзоиш медиҳад ва ҷанбаи мустақилиятро дар хулқи онҳо ривоҷ мебахшад. Муҳаббат ва самимияти волидайн ба фарзандон заминаҳои амиқи равоншиносӣ дорад. Кӣ медонад, онҳое, ки сарчашмаи бадӣ ва хабосат ҳастанд, оё шафқати волидайнро ҳис кардаанд ё на?

Падараш зулм ва зӯравориро дар тарбият нораво медонист. Омилҳои зотӣ, меросӣ, тарбият ва муҳитро аз рукнҳои чаҳоргонаи тарбият ба шумор меоварад. Падар, ки инсони вараста ва соҳиби маълумоти кофӣ буд, тарбиятро дар рушди афроди ҷомеа омили муҳим ва муассир медонист. Бурду бохти ҷомеаро ба савқ ва савияи саводнокӣ ва бомаърифатии афроди он алоқаманд мешинохт. Дар ин боб ҳикмати зер ҳамеша сари забонаш буд:

«Одами ҷоҳил ба ҷое по мегузорад, ки фаришта ҷуръати нигоҳ кардан ба онро надорад».

Ботурхон ана дар ҳамин гуна муҳит омӯзиш ва парвариш дид. Ба муҳит ва воқеъияти он диди хос пайдо кард. Ва ин ҳама омиле гардид, ки роҳи мустақимашро баъди хатми мактаби миёна тарҳрезӣ кунад. Суолҳои зиёде оромаш намегузоштанд. Дар оянда чи касберо бояд пеша созад? Муаллим, табиб, ҳуқуқшинос ва ё...? Ҳамсиннусолҳояш дар атрофи ду касб — табиб ва ҳуқуқшинос харҳаша мекарданд. Насиҳатҳои падараш ӯро аз бероҳа ба роҳ меоварад: манзур аз интихоби ин ё он касб хидмат ба мардум аст. Ба ёдаш омад, ки дар куҷое хонда буд: илм низ «абзорест барои ҳифзи ҳаёт ва сарусомон додан ба зиндагӣ».

Зери таъсири чунин андешаҳо, вале бо қатъият ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супорид ва онро бо баҳои аъло хатм кард. Истеъдодашро ба назар гирифта, барои идомаи таҳсил дар шӯъбаи аспирантураи донишгоҳ ба ӯ иҷозат доданд. Ин солҳои худҷӯиву худёбӣ буд барои Ботурхони он вақт хело ҷавон. Акнун роҳи ӯ дар зиндагӣ тақрибан муайян буд. Вай бояд ба даргоҳи илм рӯй оварад. Илме, ки барои мардум судманд бошад. Дар ин замина ҷустуҷӯро оғоз кард ва боре ҳангоми омӯзиши сарчашмаҳо ба байти зерин вохӯрд:

Илмро бар дил занӣ
ёре бувад,
Илмро бар гил занӣ
хоре бувад.

Ин байт масъулияти инсонӣ ва иҷтимоиашро дар назди роҳи интихобкардааш як бар даҳ афзуд.

Тафсири сонӣ:

Нахустин мақолаву гузоришоти илмиаш ҳанӯз солҳои донишҷӯӣ ба чоп расида буданд. Баъдтар ҳангоми таҳсил дар аспирантура доираи фаъолияташ тавсиа пайдо кард. Ҷиддан ба омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти муосир ва пешин машғул гардид ва дар ин замина мақолаҳо низ чоп кард. Дар ин равиш нахустин мақолаҳои ӯ «Андешаҳо оиди назари адабӣ-интиқодии Заҳириддин Муҳаммад Бобур», «Дар бораи назми Ҳамза», «Чанд сухан дар хусуси ашъори тоҷикии Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ», «Мутрибӣ ва «Тазкират-уш-шуаро»-и ӯ» ва ғ. бо гузоришоти дақиқ ва таҳлили амиқи илмӣ таваҷҷӯҳи алоқамандони адабиётро ҷалб карда буданд. Дониши амиқ доир ба таърихи адабиёти гузаштаи тоҷику ӯзбек, адабиёти муосир, махсусан тамоюлҳои назарии адабиёти гузаштаи тоҷику ӯзбек ҳарфи олимонаи ӯро бавазну бодалел карда буд. Дар ин равиш академик Воҳид Абдулло истеъдоди комили ӯро қадрдонӣ карда, ба олими ҷавон ҳамаҷониба ёрӣ мерасонд.

Савқи табиӣ ва кӯшиши муттасил ба он овард, ки дар як муддати кӯтоҳ рисолаи номзадиашро бомуваффақият дифоъ кунад. Ин амал барои ӯ чандон осон набуд. Мавзӯи «Аз таърихи афкори адабӣ-танқидӣ дар Ӯзбекистон (асрҳои XV-XIX)» ҳангоми таҳқиқ мушкилиҳои зиёдеро ба миён овард.

Ботурхон Валихӯҷаев дар ин рисола заминаҳои рушд ва равишҳои асосии афкори адабӣ-танқидиро муайян карда, принсипҳо ва дифоҳҳои хоси адибон ва тазкиранигорону муаррихонро дар ин боб тавзеҳ медиҳад. Муҳаққиқ дар асоси санадҳо собит месозад, ки афкори адабию интиқодӣ дар ин давра аввалан ба воситаи ашъори шуаро ифода шуда, сониян дар рушди ин ҷанбаи адабиётшиносӣ саҳми тазкиранигорон низ калон будааст. Дар ин замина вай ҷанбаи интиқодии тазкираҳои асрҳои охир, ба хусус тазкираҳои Давлатшоҳ, Мутрибӣ, Навоӣ, Возеҳ ва ғайрро ҷиддан омӯхта моҳияти афкор ва орои ононро дақиқ муайян месозад.

Интишори ин рисола ба домулло шӯҳрат овард ва ин кӯшиши ӯро дар доираҳои илмӣ хуш пазируфтанд.

Домулло Ботурхонро хислатҳои хосе буд, ки ӯро чун олими модарзод ба назар менамуд: сабру тоқат дар роҳи заҳмати доимӣ, шӯру шавқи мустақилияти фикрӣ ва маҳорати фавқулоддаи фарогирии дониш. Ин фазилатҳо симои эҷодии ӯро муайян сохта, роҳи минбаъдаи ҷустуҷӯ ва дарёфтҳои илмиро ҳамвор сохтанд. Имрӯз доираҳои илмӣ ва алоқамандони адабиёт эшонро ҳамчун муҳаққиқи барҷастаи таърихи адабиёти ду халқи бародари ӯзбеку тоҷик мешиносанд ва фаъолияташро арзишманд мешуморанд. Дар тӯли солҳо вай беш аз панҷсад мақола, гузориш, эссе, васоити таълимӣ ва рисолаҳо таълиф карда, яке аз пурмаҳсултарин олимони соҳа шинохта шудааст.

(Давомаш дар саҳифаи 4.)

Ҳамзамонони мо

Сари забонҳо

Солҳои зиёд аст, ки ӯро чун омӯзгори варзидаву машҳур медонам. Аз он соле, ки бо ӯ ошноӣ дорам, медонам, ки ҳар сол шогирдони вай дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳурӣ иштирок мекунанд, ё худи ӯ дар конфронсҳову анҷуманҳо бо маърӯзаҳои методӣ ва илмӣ баромад мекунад. Аз ин хотир ӯ сари забони мардум аст. Устод Абдуҷаббор Фаттоев ин ҳама обрӯву эътиборро туфайли заҳматҳои пайваставу ҷустуҷӯҳояш ба даст овардааст.

Ӯ зиёда аз 30 сол боз омӯзгор аст. Боре нашудааст, ки дар ин давр ба дарсҳо бидуни тайёрӣ омада бошад, ҳол он ки тамоми матни китоби дарсии физикаро аз ёд медонад. Вале бо вуҷуди ин ба ҳар як дарс тайёрӣ мебинад, адабиётҳои иловагиро мутолиа мекунад.

Ӯ зиёда аз даҳ сол мудири қисми илмии таълимгоҳи ба номи Ҷалолиддини Румӣ буд. Солҳое, ки дар ин вазифа кор мекард, аз ҳар як омӯзгор бо қатъияти зиёд талаб менамуд, ки ба дарсҳо бо тайёрӣ оянд. Чуноне ки омӯзгори варзида Робия Орифова ёдрас мекунад, он солҳо хонандагон ва омӯзгорон аз Абдуҷаббор Фаттоев ҳарос доштанд. Ӯ чунон серталаб буд, ки ман мислашро дар умрам надидаам, ёд меорад Робияопа.

Мегӯянд, ки он солҳо чандин омӯзгорон бинобар серталабии Абдуҷаббор Фаттоев мактабро тарк гуфтаанд, чанде ба мактабҳои дигар ба кор рафтаанд. Худи муаллим ёдовар шуданд, ки боре дар маркази ноҳия бо омӯзгоре, ки ин касбро батамом тарк гуфта буд, рӯ ба рӯ мешаванд. Муаллим Фаттоев фикр мекунанд, ки шояд ӯ саломро низ нася карда равад. Вале баръакс, вай муаллимро ба оғӯш кашида ҳолпурсӣ мекунад ва иқрор мешавад, ки он замон беҳуда ранҷида будааст. Омӯзгорӣ пешаи ӯ набудааст. Ҳоло дар соҳаи савдо кор мекардааст. Зиндагиаш хуб, аз Абдуҷаббор Фаттоев сипосгузор аст, ки сари вақт ӯро огоҳ кард.

Ҳамагон медонанд, ки ҳоло дар тамоми донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар таълимгоҳҳо имтиҳонот бо усули тест аст. Ин усулро ӯ соли 1976 дар конфронси методии вилоятӣ пешниҳод намуда буд. Он замон бисёр омӯзгорон ва олимон ин усули имтиҳонгириро ҷонибдорӣ накарданд. Устод Фаттоев аз ин баҳсу мунозираҳо чунин ёдовар мешавад. «Ман солҳои зиёд маҷаллаҳои «Жизнь», «Квант» ва дигар рӯзномаҳоро мутолиа менамудам. Боре ин усули имтиҳон ба хаёлам омад. Худатон имтиҳони он солҳоро ба ёд оред. Мешуд, ки шогирдони босавод аз имтиҳонот комёб намешуданду баръакс шогирди сустхон имтиҳонотро хуб месупорид. Воситагарӣ, ришватдиҳӣ авҷ гирифта буд. Дар ин усул бошад, чунин иллатҳо хеле кам ба амал меояд. Ҳамон сол, ман асбоби тестқабулкуниро бо номи «АТЭФ» сохтам ва дар мактаб бо ин усул аз шогирдон имтиҳон гирифтам. Ин усул ба ҳама писанд афтод. Ва пасон дар ноҳия низ ин усулро ташвиқ намудам. Дигарон низ маъқул шумориданд. Ҳамин тариқ, аввал дар вилоят ва пасон дар ҷумҳурӣ ин тарзи имтиҳонгириро қулай шумориданд. Дар донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони ҷумҳурӣ оиди бартариҳои он баромад намудам, баҳсу мунозираҳо ба миён омаданд. Аксарият ин усули имтиҳонгириро маъқул шумориданд. Вале дар амал татбиқ намудан ба гӯши хотири ҳеҷ кас намерасид. Ба он эрод мегирифтанд, ки гӯё хонандаро ба қориёна аздкунӣ маҷбур месохтааст Дигаре мегуфт, ки ин усул танҳо барои фанҳои дақиқ мувофиқ аст. Сеюмӣ таъкид мекард, ки ин усул хонандаро бесавод мекунад, нутқи даҳонӣ ва хаттии вай хеле коста мешавад. Гурӯҳи дигар ақида доштанд, ки ин усул барои фанҳои гуманитарӣ нолозим аст. Ҳамон солҳо банда дар баромадҳои хеш бартариҳои онро борҳо бо далелҳо исбот мекардам, вале сад афсӯс, ки касе шунидан намехост. Аҷиб давре буд. Ҳамаи роҳбарони соҳа ин иқдоми маро дастгирӣ менамуданд, вале барои дар амал ҷорӣ намудан онро касе ҷуръат намекард. Аҷибаш он буд, ки каф мезаданд, маъқул мешумориданд ва кор чун пештара идома дошт. Вале ман пайгирона усули хешро ба шогирдон ташвиқ мекардам, аз онҳо бо ин усул имтиҳон ва санҷишҳо мегирифтам. Ҳар сол шогирдони банда аз ҳама бештар ба донишгоҳу донишкадаҳо дохил мешуданд. Ҳайрати ҳама афзун мегашт нисбати ман. Мефаҳмондам, ки дар ин ҷо ягон сир нест, фақат афзалияти усул аст. Ҳамин тариқ, банда аз фанни физика ва математика беш аз ду ҳазор тест тайёр намудам. Вақте, ки соли 1995 ин усули санҷиш дар ҷумҳурии мо ҷорӣ гашт, ман ба маркази ҷумҳуриявии тест ҳамон саволномаҳои хешро фиристодам ва бе ҳеҷ гуфтугӯ маро кормандони ин марказ ғолиб донистанд ва хизматҳои бандаро бо мукофоти пулӣ қадр карданд.

Баъзан дар саволномаҳои тест бо саволҳое дуҷор мешавед, ки хеле оддӣ ва он бо саҳлангорӣ тартиб дода шудааст, мегӯяд суханашро идома дода муаллим Фаттоев. Бояд онҳо чунон тартиб дода шавад, ки хонандаро ба андеша кардан водор кунанд. Аз ин хотир дар суолномаҳои маркази тести ҷумҳурӣ чунин камбудиҳо хеле зиёд буда, баҳри бартараф сохтани он ба зудӣ ҷораву тадбирҳои амалӣ андешидан лозим меояд.

Хонандаи азиз, худатон қазоват кунед, ки устод Фаттоев нӯҳ сол қабл аз ин барои амалӣ намудани усули санҷиши тестӣ чӣ гуна заҳматҳо кашидаасту онро курсинишинон қабул накардаанд, Охируламр он дар амал ҷорӣ гашт, вале ин монеаҳо ба пешравии кори муаллим садд шуд. Чанд муддат муаллим хаставу дилшикаста мегашт. Вале ӯ ба дурустии кори хеш бовар дошт. Аз ин хотир аз роҳи интихобкардаи хеш пас намегашт.

— Устод, воқеан ҳам баъзе саволҳои тест хонандаро ба андеша водор намекунанд. Масалан, дар саволномаҳо бо чунин саволҳо рӯ ба рӯ шудан мумкин. «Алишер Навоӣ кай таваллуд шудааст?» «Пойтахти Гурҷистон чӣ ном дорад?» Шояд чунин саволҳо зарур бошанд, вале дар тест бояд саволҳое ҷой дода шаванд, ки хонандаро ба фикр кардан водор намоянд. Хонанда пас аз хондани савол ба андеша ояд, саҳифаҳои китобро варақгардон кунад, хонад, ҷӯяду ёбад.

— Ман ба фикри шумо розиям, вале, чӣ илоҷ? Онҳое ки саволҳои тестро тартиб медиҳанд, ин камбудиро ба инобат намегиранд. Барои он ки ба ҳамагон рӯшан шавад, ин ҷо як мисол меорам. Чӣ хеле ки мегӯянд, аз шаф - шаф гуфтан шафтолу гуфтан беҳ аст. Дар саволҳои тести забон чунин савол бояд гузошт: «сурхӣ» кадом ҳиссаи нутқ аст? Бисёриҳо гумон доранд, ки «сурхӣ» сифат аст, ҳол он ки ин калима исм мебошад. Агар устодон саволҳоро ба чунин маънӣ тартиб медоданд, нуран ало нур мешуд.

Афзалияти тест дар он аст, ки донишҳои дар амал санҷидашудаи хонанда ҳангоми ҷавобҳо махсусан дар фанҳои дақиқ исбот мегарданд. Агар хонанда дониши чуқур дошта бошад, ҳеҷ гоҳ ба ин савол ҷавоби нодуруст намедиҳад. Чуноне ки дар боло арз намудем, ихтироъкории тестномаи ҷумҳуриамон омӯзгори фанни физикаи мактаби рақами 9 ба номи Ҷалолиддин Румӣ, муаллими шоистаи ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуҷаббор Фаттоев мебошад. Баҳри амалӣ гаштани ин усул чӣ қадар заҳматҳо ва чӣ қадар бедорхобиҳо кашидааст ӯ.

Абдуҷаббор Фаттоев соли 1966 мактаби рақами 7-ро хатм намуда ҳамон сол ба Донишгоҳи ба номи Алишер Навоии шаҳри Самарқанд ба факултаи физика дохил мегардад. Азбаски дар мактаби миёна аз ин ва дигар фанҳо дониши амиқ дошт, дар донишгоҳ низ аз ҳамаи ҳамсабақон беҳтар мехонд. Ӯ намунаи ибрати дигарон буд. Вақте ки донишгоҳро бо дипломи имтиёзнок хатм намуд, бо вуҷуди дархостҳои бисёр ба деҳа баргашт, чунки илоҷи дигар надошт вай. Дар деҳа 4 нафар бародари бепарасторашро модаркалони мушфиқаш Норибибӣ момо парасторӣ мекард. Ҳамин тариқ, орзуҳои ӯ дар нимароҳ монданд. Дилашро ба сангҳо заду дар мактаби деҳа омӯзгор шуд. Ӯ пайваста меомӯхт. Беш аз 12 нафар шогирдонаш касби ӯро интихоб намуданд. Чанд нафар ҳамроҳаш дар як таълимгоҳ кор мекунанд. Аз соли 1975 ин ҷониб ҳар сол шогирдони ӯ дар олимпиадаҳои ҷумҳурӣ ширкат варзида ба ин ё он донишгоҳу донишкадаҳои кишвар ва берун аз он дохил мешаванд. Соли 1996 хизматҳои Абдуҷаббор Фаттоевро ҳукумати ҷумҳурӣ ба назар гирифта, ӯро бо унвони Омӯзгори шоистаи ҷумҳурии Ӯзбекистон мушарраф намуд. Бо Абдуҷаббор Фаттоев на ҳар кас дар мавзӯъҳои илмӣ баҳс карда метавонад. Ӯ соҳиби дониши амиқ аст. Ӯ аз тоифаи омӯзгороне мебошад, ки ба ғайр аз фанни илмҳои таърих, адабиёту забон, ҷуғрофия ва ғайра дониши мукаммал доранд. Дар китобхонаи шахсии вай осорҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Адиб Собири Тирмизӣ, Мавлавии Румӣ, Саъдӣ Ҳофиз, Ҷомӣ ва адибони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро дарёфт кардан мумкин. Пас аз сӯҳбати тӯлонӣ бо устод Абдуҷаббор Фаттоев ногаҳон пурсидем, ки шумо кадом хислатҳои одамиро намеписандед? Ӯ каме андешид ва чунин посух дод. Бародари азиз, солҳои охир бисёр касон дар масоили худшиносии миллӣ баҳсу талошҳо мекунанд, ё худ миллати хешро аз миллати дигарон боло мегузоранд, ки ин ғаши маро меорад. Ва бе ихтиёр мисраъҳои Аллома Иқбол ба ёдам мерасад.

На афғонему на турку тоторем,
Чаманзодему аз як шохсорем.
Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром аст
Ки мо парвардаи як навбаҳорем.

Мо ҳама парвардаи як навбаҳорем, аз ин хотир ҳоҷат бар миллатгарӣ нест. Хеле хуш ҳастам, ки дар сарзамини мо сулҳу сафост. Мардум ба қадри ин неъмат мерасанд. Илова карданиам, ки беҳтарини бузургони илму маърифат хилофи миллатгарой буданд. Вақте ки Ҷалолиддин Румӣ дар Қуния ҷаҳонро падруд мегӯяд, тобути ин шахси бузургро 12 бор то қабристон мешиканад. Яъне намояндагони миллатҳои гуногун хоҳ мусулмону хоҳ насронӣ ва ғайра ба ҷанозаи ин шоири бетакрор ширкат меварзанд ва муҳаббати хешро нисбати ин бузургмарди таърихӣ баён мекунанд. Аз ин хотир ӯ азизи ҳама миллатҳо буд.

Фаъолияти омӯзгорӣ ва сарнавишти ин марди боҳирадро рӯи қоғаз овардан, симои ӯро офаридан кори осон нест. Фақат ҳаминро зикр карданием, ки хизматҳои Абдуҷаббор Фаттоев қадрдонии бештар низ дорад.

НУРАЛИИ РАҶАБ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Сурхондарё.

Ба муносибати 2500 — солагии Тирмизшаҳр

Шаҳри бостонӣ тантана дорад



Тирмиз дар соҳили дарёи Аму ҷойгир аст, ки дар таърих бо номи Ҷайҳун машҳур мебошад. Ва шаҳри мазкур бисёр озмоиҳоро аз сар гузаронда, дар натиҷаи хуруҷи истилогарон чандин маротиба ба харобазор мубаддал гардидааст. Чандин маротиба номи шаҳри бостонӣ аз саҳифаҳои таърих рӯфта партофта шудааст. Баъзан шаҳр дар гирдоби талошҳои қувваҳои мухталиф монда, вазифаи сарҳадро ҳам иҷро кардаасту қувваҳои адӯро ба ду тақсим ҳам кардааст. Ва табиист,ки дар чунин ҳолат шаҳр бесоҳиб монда, аз инкишоф монд. Вале ба ин нигоҳ накарда, ҳаёт давом мекард, шаҳрро аз нав месохтанд, дар маҳалҳои нав ба нав шаҳр пайдо мешуд. Халқ бошад, ба корҳои рӯзмарраи худ машғул гардида, ҳаёт ба сар мебурд. Тӯю сур менамуд, аз паи моломол кардани дастархони худ мешуд, сокинонаш бо касбҳои дӯстдоштаи худ машғул гардида, фарзандро ба камол мерасонданд.

Алалхусус, алломаҳоеро ба воя расонд, ки шӯҳрати ин шаҳри бостониро афзун гардонда, номи онро саросари ҷаҳон машҳур сохтанд.

Агар ба саҳифаҳои таърих дида дӯзед, як далелро алоҳида пай мебаред. Шаҳр маскани алломаҳои сершумор гардидааст, ки онҳо барои рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми калон гузоштаанд. Яке аз фарзандони шуҷои ин кишвар, ки ҳам дар зиндагӣ ва ҳам баъд аз фавташ ҳам обрӯву эътибори якхела дошт, Муҳаммад бин Алӣ Ҳаким Тирмизӣ мебошад, ки хоки кишвар, дили халқро аз душманон ҳифз намуда, номаш саросари ҷаҳон машҳур аст. Муаррихон соли таваллуди ин зоти шарифро 820 ва санаи вафоташро 900 муқаррар карданд. Шайх Фаририддини Аттори бузург ҳам Ҳаким Тирмизиро устоди худ дониста, яке аз шайхи маълуму машҳури Шарқ маънидод кардааст. Ҳазрати Навоӣ ҳам дар китоби худ «Насоим-ул-муҳаббат» дар ҳаққи ин шайхи бузург маълумотҳои пуркимате овардааст. Ва Ҳаким Тирмизӣ дар байни халқ зиёда аз ҳазор сол боз ба номи «Тирмиз ота» маълуму машҳур аст. Китобҳои машҳури аллома, аз қабили «Илал-аш-шариат» ва «Хатм ул-авлиёт», «Китоб-ал-фурух», «Китоб анаҳӣ» машҳури ҷаҳон мебошанд. Ва далели мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҳаким Тирмизӣ на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб ҳам номвар будааст. Ба гуфти муаррихон олими номдори исломшинос Муҳиддин ибн ал-арабӣ, ки дар вилояти Андалуси Испониё ҳаёт ба сар бурдааст, худро шогирди Ҳакими Тирмизӣ номидааст. Аллома солҳои 1165 — 1240 умр ба сар бурдааст.

Алҳол бисёр китобҳои Ҳаким ат-Тирмизӣ дар китобхонаҳои номдори мамлакатҳои ҷаҳон, минҷумла мамлакатҳои Ғарб маҳфуз мебошад. Аз он ҷумла, дар китобхонаи машҳури миллии Париж асарҳои аллома дар шакли дастхат маҳфузанд. Дар шаҳрҳои калони Ҷумҳурияти Мисри Араб бошад,се рисолаи ҳакими Тирмизӣ маҳфуз мебошад. Масалан, дар шаҳри Қоҳира нусхаи асарҳои аллома таҳти унвонҳои «Илал ал-Убудий» ва «Илал аш-шарийа» буда, дар асл шакли кӯтоҳшудаи асари машҳури вай «Китоб ус-Салот» мебошад. Дар Лейпсиг бошад, китоби «Ад ал-макнун»-и ӯро боэҳтиёт маҳфуз медоранд.

Боз як алломаи машҳури шаҳр Бурҳониддини Тирмизӣ мебошад, ки ӯро Ҷалолиддини Румӣ устоди худ донистааст. Зеро Бурҳониддини Тирмизӣ баъди вафоти падари Ҷалолиддин ба шаҳри Куния рафта, ба ӯ аз тасаввуф сабақ додааст ва то ба ин дараҷа машҳур гардидани Ҷалолиддини Румӣ саҳми калон гузоштааст. Таҳлили маълумотҳои таърихӣ аз ҳамин гувоҳӣ медиҳанд, ки сайид Бурҳониддини Тирмизӣ шайхи машҳури соҳаи тасаввуфи даврони худ буда, дар аввали садаи XII барои рушду равнақи фарҳанги халқҳои Мовароуннаҳр, Хуросон ва Осиёи Хурд ҳиссаи калон гузоштааст ва ҳамчун шахси таърихӣ номбар гардидааст. Китоби ӯ, ки «Маъорифи Тирмизӣ» ном дорад, аз панду насиҳатҳо саршор буда, аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки аз илми тибб ҳам хуб бохабар будааст. Одамони шуҷоъ ва ватанпарвар будани сокинони шаҳрро маълумотҳои сершуморе собит мекунанд. Аз он ҷумла, лашкари Чингизхон ба шаҳр ҳуҷум оварда, ба муқовимати сахт дучор мегардад ва аз ин рӯ ба он «Мадинат-ур-Риҷол» ном медиҳанд, ки тарҷумааш «Шаҳри мардон» мебошад, Амир Темури бузург ҳам ҳангоми юришаш ба Балх тавассути ана ҳамин шаҳр гузашта, мақбараи Ҳаким Тирмизиро зиёрат намудааст. Саид Баракаи тирмизиро барои худ пири муршид эълон карда будааст. Ба туфайли тадбиргариву ғамхории Амир Темур шаҳр аз нав обод гардидааст.

Ва ин баъзе далелҳо аз таърихи шаҳри бостонӣ мебошад. Агар ба имрӯзи шаҳри Тирмиз дида дӯзем, он то андозае обод гардид, ки ба тасвираш сухан оҷизӣ мекунад. Алалхусус дар солҳои истиқлолият вай хеле назаррабову обод гардид. Ба муносибати ҷашнаш дар ин ҷо беш аз чил обект сохта, ба истифода супурда шуд. Боз бисёр маҷмӯъҳои ёдгорӣ, масҷиду мадрасаҳо аз тармим баромаданд. Кӯчаҳои шаҳр васеву обод гардиданд. Иншоотҳои нав ба нави замонавӣ қомат рост карданд. Аз он ҷумла, Осорхонаи ҳафриётӣ, ки яккаву ягона дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад, амфитеатр, Маркази тадбиргарон, боғи Алпомиш, вокзали роҳи оҳан, ки дар як соат ба 500 нафар мусофир хизмат мерасонад, Осорхонаи «Мерос», корхонаҳои муштарак ба истифода супурда шуданд. Ёдгории «Қирққиз», ки дар давраи салтанати пештара барои вайрон карданаш булдозерҳоро даровард, аз норозигии аҳли ҷамъият тарсида, ин корро ба таъхир гузошта буданд, аз нав обод гардид. Ба муносибати ҷашни 2500 — солагии Тирмиз мақбараи Ал-Ҳаким-Тирмизӣ, маҷмӯи ёдгории Султон Саодат, қисми дохилаи Масҷиди Кокилдорота аз нав барқарор гардид. Манораи Ҷарқӯрғон бо ҳусни тозаи худ меҳмонони сершуморро дар ҳайрат мегузорад.





Олимону навинсандагон, паёмнигорон ба омӯзиши таърихи шаҳр, ҳаёту фаъолияти одамони машҳури Тирмизшаҳр шурӯъ намуданд. Аз он ҷумла, паёмнигори кӯҳансол Абдиназар Хидиров дар хусуси таърихи Чағониён китоберо таълиф намуд. Олим Шариф Ёқубов тадқиқотҳои худро оиди мавқеи Тирмиз дар эҷодиёти Навоӣ ба анҷом мерасонад. Саҳифаҳои нодир аз хусуси маданияти қадимаамон ҳангоми таҳқиқи ёдгориҳои Қоратеппа, Фаёзтеппа, Сополлитеппа боз гардиданд.

Тирмиз имрӯзҳо яке аз шаҳрҳои зебои соҳили Аму гардидааст. Шаҳрест, ки бо дирӯзу имрӯзаш диққату эътибори бисёриҳоро ба худ ҷалб сохтааст. Тирмиз шаҳри садаи XXI аст. Шаҳри замони нав мебошад ва тамоми аҳли ҷаҳон имрӯзҳо якҷоя бо сокинони он тантана мекунанд.

Т. МАҲКАМОВ.

Дар суратҳо: 1. Манораи Ҷарқӯрғон. 2. Мақбараи Султон Саодат. 3. Осорхонаи ҳафриётӣ.

Фаронсавиҳо дар Хоҷа Зайниддин

Пажӯҳишгоҳи осиёимиёнашиносии Фаронса, ки ташаббускори бисёр тадбирҳои илмӣ ва лоиҳаҳои ҷолиб мебошад, дар ҳавлии худ дар шаҳри Тошканд бо номи «Бухорои Шариф» намоиши кори меъморони ҷавони фаронсавиро созмон дод.

Шаш нафар донишҷӯи Мактаби олии меъмории Париж — Белвил бо роҳбарии профессор Б. Гармириён дар ибтидои соли гузашта дар маҳаллаи Хоҷа Зайниддини шаҳри Бухоро дар тӯли се моҳ маҳаллаи мазкурро аз лиҳози меъморӣ омӯхтанд ва дар ин замина нақшаҳои сохтмонҳои онро таҳия намуданд.

Дар ин чанд моҳ донишҷӯён барои худ аҷибтарин ва ҷузъитарин ҷиҳатҳои меъморӣ ва наққошиву кандакорӣ ва резакории анъанавии маҳаллаи Хоҷа Зайниддин, ки як пораи ин сарзамини бостонӣ мебошад, кашф намуда аз нигоҳи меъморҷавонони фаронсавӣ хеле мақбул ва дилҷасп аккосӣ шудаанд. Онҳо масҷиди ин маҳал ва чандин биноҳои кӯҳнаи онро ба нақша гирифтаанд, ки онҳо дар асл чӣ намуд доштаанд.

Сафири Фаронса дар Ӯзбекистон Ж. Кастӣ ва директори Пажӯҳишгоҳи осиёимиёнашиносии Фаронса Вансент Фурниё дар бобати аҷиб ва нотакрор будани кори донишҷӯён, ки барои онҳо ин ҳама бештар аз кори дипломӣ будааст, ҳарф заданд.

Бинандагон, ки барои аксари онҳо ин манзараҳо шинос буданд, бо вуҷуди ин бо майли тамом тамошо карданд.

Бо савту таронаҳои бухорӣ, ки гурӯҳи ҳунарии Ҳунарпешаи шоистаи Ӯзбекистон Насиба Сатторова иҷро намуданд, ин даргоҳ чанд лаҳза бӯи Бухоро намуд.

Тоҷибой ИКРОМОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Соҳибистеъдодонро меҷӯем

Ҷуноне ки маълум аст дар барномаи шабакаи «Ёшлар»-и телерадиоширкати Ӯзбекистон бозии «Заковат» намоиш дода мешавад. Дар арафаи Соли нав яке аз иштирокчии «Заковат» Фаррух ФАЙЗИЕВи ҷустӣ ғолиб омад. Ба қарибӣ мухбири ҷамоатнамон Анвар МУРОДОВ бо ӯ вохӯрда, бо чанд савол муроҷиат кард.

Орзуи ғолиби «Заковат»



— Иштироки шумо дар телебозӣ чӣ гуна оғоз ёфт?

— Камина пас аз аввалин тамошои телебозии «Заковат» дар дил шавқ пайдо кардам. Моҳи феврали соли гузашта барои иштирок кардан ба телебозӣ ба ҳайати таҳрири телеканали «Ёшлар» муроҷиат кардам. Сонитар баранда ва ташкилотчии барнома Абдурасул Абдуллоев ба донишгоҳамон омад. Баъди бо муҳассилин мулоқот оростан аз 60 нафар дастпарварон Элдор, Фаррух, Музаффар ва каминаро интихоб карданд.

— Дар телебозӣ иштирок намудед?

— 25 июни соли гузашта бори аввал дар телебозӣ иштирок кардан ба ман насиб гардид.

— Дар байни иштирокчиён аз духтарон фақат як нафар. Вай аз куҷо?

— Ҳа. Танҳо як нафар духтар иштирок намуд. Вай аз ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд Зебо Шоумарова мебошад.

— Ба мардум бештар оммавӣ гардидани телебозии «Заковат» аз чӣ иборат аст?

— Бале, яке аз сабабҳои оммавӣ гаштани телебозӣ аз баранда сар карда ҳамаи эҷодкорони барнома вазифаи худро аз тахти дил ба иҷро мерасонанд.

— Дар бораи комёбиҳои дар арафаи Соли нав ба даст даровардаатон чанд сухан мегуфтед?

— Бемуболиға, метавон гуфт, ки он рӯз бахт бароям хандид. Ман дар бозии навбатӣ ғалаба кардам.

— Каси беорзу нест, мегӯянд.

— Ҳақ асту рост. Бахри илмомӯзӣ ба мо, ҷавонон Президентамон пайваста ғамхорӣ мекунанд. Ягона орзуи ман ба хориҷ рафта таҳсилро давом дода, маҳорати касбиамро баланд кардану одаму оламро дида, таҷрибаи рӯзгор омӯхта, ба Ватани азизам хизмат кардан аст.

— Барои амалӣ гаштани орзуҳоиояндаатон бурдбориҳо таманно дорам.

— Ташаккур!

Сӯҳбаторо
Анвар МУРОДОВ.

(Аввалаш дар саҳифаи 3.)

Остони баланд

Таваҷҷӯҳ ба масоили омӯхтанашуда ва пажӯҳиши ҷиддӣ дар ин заминаро аз махсусиятҳои савқи ҳунарии ин донишманди забардаст бояд шинохт. Аз ин мавқеъ олим ба масоили консепсуалӣ ва арзишманди дирӯзу имрӯзи таърихи адабиёти тоҷику ӯзбек таваҷҷӯҳ карда, саҳифаҳои торики таърихи ин адабиётро равшан сохтааст, ки арзиши фаровони илмӣ дорад. Мушкилоти пайдоиш ва инкишофи тазкира дар адабиёти Шарқ аз ҷумла ҷустуҷӯҳои бунёдии ӯст. Дар ин замина муҳаққиқ моҳияти як силсилаи тазкираҳо, аз ҷумла, тазкираҳои «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ, «Музокир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва ғайраро муайян карда, махсусиятҳо ва тафовути онҳоро низ нишон додааст. Муҳимтарин кӯшиши муҳаққиқ дар ин равиш он аст, ки вай сарфи назар аз мансубияти табақотии муаллифони тазкираҳоро қабл аз ҳама ҳамчун моли адабиёт ва намунаи осори ҳунарӣ арзёбӣ мекунад, ки ин кӯшиши ӯ пурарзиш аст. Дигар аз мавзӯъҳои бунёдӣ ва камтаҳқиқи адабиёти шарқ — пайдоиш ва рушди Ҳамза — аз равиши асосии ҷустуҷӯҳои домулло Ботурхон будааст. Дар ин росто муҳаққиқ эҷодиёти хамсасароёни бузург Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ ва дигаронро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, хусусиятҳои хоси мероси ононро муайян кардааст. Мақолаҳои ҷомеъ ва муфиди «Анъанаҳои хамсасарой ва махсусиятҳои он», «Нусхаҳои «Хамса»-и Алишер Навоӣ», «Шӯҳрати оламгир» ва ғайра аз ҷумлаи пажӯҳишҳо ва гузоришҳои судманди донишманд дар роҳи омӯзиши мушкилоти хамсасароист.

Яке аз мавзӯъҳои марказии тадқиқотии ин донишманд ҳаёт ва эҷодиёти Алишер Навоӣ буда, доир ба масъалаҳои мухталифи эҷодиёти шоири бузург вай мақолаву рисолаҳои бисёре таълиф кардааст, ба ин васила саҳм ва мақоми Навоиро дар таърихи адабиёти Шарқ муайян сохтааст. Дар ин замина тадқиқоти ӯ танҳо ба омӯзиши эҷодиёти Навоӣ маҳдуд намешавад, балки замони зист, муҳити фарҳангӣ ва алоқамандии адиби бузург бо шуаро, вузарои аҳд низ мавриди назари ӯ будааст. Нашри «Маҷолис-ун-нафоис» ва таҳқиқу таҳлили афкори адабию интиқодии Навоӣ низ аз корҳои умдаест, ки домулло Ботурхон бо дақиқназарӣ ва масъулиятшиносӣ анҷом додааст. Дар адабиётшиносии Осиёи Марказӣ баъд аз устод Айнӣ ва Абдулғанӣ Мирзоев ин донишманди пуркор дар роҳи омӯзиши осори форсии тоҷикии Фонӣ саҳми фаровон дорад. Дар тӯли солҳо дар баробари тадқиқи паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти шоири бузург масъалаи алоқаманддии Навоӣ ва Самарқанд ҳамчун яке аз марказҳои фарҳангӣ ҳамеша мавриди назари муаллиф будааст. Дар ин замина вай саҳми Навоиро дар рушди илму адаби замонааш ва таъсири онро ба замонҳои баъд ёдрас мекунад.

Барои домулло Ботурхон осори таърих, илм ва адаби ин ё он замон ҷузъи ҷудонопазири дарахти ҳамешасабзи тамаддуни ҳамон халқ аст. Аз ин мавқеъ вақте ки вай ба таҳқиқи осори фарҳангии аҳди Темуриён шурӯъ кард, таърихи пурмояи ин давраро ҳамчун намунаи осори мардумӣ, ки ҷузъи таърихи халқ аст, арзёбӣ кард. Дар ин росто сухан аз мақолаҳои мутааддиде меравад, ки домулло Ботурхон оиди ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони фарҳангу адаби аҳди Темуриён, ҳаёти адабии замони Мирзо Улуғбек, рушди илми ин давра, таърихи бунёди мадорис, китобхонаҳо ва ғайра эҷод намудааст. Китоби «Самарқанд шаҳри уламою шуаро» (бо ҳамқаламии Ш.Шукуров ва С.Ҳалимов), мақолаи «Сурати ҳафт иқлим дар мадрасаи Мирзо Улуғбек» ва ғайра аз ҷумлаи ҳамин гуна таълифоти арзишманд аст.

Хидматҳои домулло Ботурхон танҳо ба тадқиқи масъалаҳои адабиёт маҳдуд намешавад. Вай дар баробари фаъолияти илмӣ ба кори таълим низ тӯли солҳо машғул аст. Чанд насли мутахассисони соҳаи филологияи ӯзбек ва тоҷик аз ӯ таълим ва тарбият дидаанд. Баъди даргузашти устод Воҳид Абдулло домулло Ботурхон ҳамчун меҳвар ва тарозудори улуми филологӣ, дар Самарқанд шинохта ва эътироф шудаанд. Бе ҳеҷ дудилагӣ ман метавонам ҳукм кунам ва дигарон низ розӣ хоҳанд шуд, ки бигӯем: домулло Ботурхонро худованд ба ивази хидматҳову одамияташ ба маснаде нишондааст, ки ҳеҷ кас онро аз ӯ ситонда наметавонад.

Вақте ки муҳити хонадагии эшон ворид мешавам боз ҳам нисбати маҳзари инсонии домулло бовариам бештар мегардад. Хонадорӣ ва тарбияи фарзандон низ бояд ҷузъи муҳим ва баарзиши фаъолияти фард шинохта шавад. Таваҷҷӯҳ кунед: агар интихоби роҳи дуруст ва мустақими парвариши фарзандон намебуд, магар имкон дошт, ки фарзандони азизаш соҳиби кореву ёреву обрӯи хубе шаванд. Фархундаю Фарруха мутахассиси забону адабиёти рус, Фарзона омӯзгори улуми таърих, Фарида табиби рӯҳшинос, Фирӯз ва Фарзод дар улуми дақиқ пажӯҳандаанд. Ин давлати бегазанд ва бардавомро барои домулло муборакбод мегӯем.

Сари ин андешаҳо ҷое расидам, ки домуллоро гузошта будам. Утоқи барҳавои кории ӯ... Марди мӯйхояш мошу биринҷ айнакро аз чашмонаш мегирад ва аз сари миз берун меояд. Як рӯзи андешаҳо, ҷустуҷӯҳо дар инҳисори кутуби ҷида дар ҷевон ва чор девори хона поён меояд. Зиндагӣ ва умри сипардаи ӯ дар муҳити кору эҷодаш ҳеҷ гоҳ дилбазан набудааст, балки нашъаҳое аз шодиву сарафрозӣ ва ифтихор доштааст, ки албатта боиси сарфарозии фарзандон ва алоқамандонаш низ ҳаст.

Ҷумъақул ҲАМРОЕВ,
устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ, дотсент, номзади илми филология.

Навигариҳои вилояти Бухоро

Тӯҳфа аз Амрико

Маводҳои таълимӣ барои омӯзиши забони инглисӣ ба унвони мактаби ҳаштуми ноҳияи Ғиҷдувон аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико расид. Тӯҳфа иборат аз китобҳо, маҷаллаҳо ба забони инглисӣ ва суратҳои ранга буд.

Тӯҳфаи мазкурро гурӯҳи омӯзгорон аз Корпуси Сулҳ фиристодаанд, ки дар мактаби мазкури Ғиҷдувон кор кардаанду он ба амиқан омӯхтани забони инглисӣ таъин гардидааст.

Коллеҷи нави Пешкӯ

Бинокорони Ҷамъияти саҳҳомии «Амубухороканалқурилиш» биноии нави коллеҷро дар Ноҳияи Пешкӯ ба истифода супурданд. Арзиши умумии ин объекти таъиноти таълиму тарбия ба зиёда аз 1 миллиард сӯм рост омад.

— Дар муассисаи нави таълимӣ аз рӯи шаш касб мутахассис тайёр карда мешавад, — гуфт директори коллеҷ Х.Худоёров.— Онҳо дӯзандагон, буррандагон, ҷелонгарон, харротон, рондагон ва механизаторон мебошанд. Синфхонаҳо ба техникаи аз ҳама замонавӣ, аз он ҷумла, компутерҳои «Пентиум-III» ҷиҳозонида шудаанд , ки имкониятҳои пурсамар гузарондани машғулиятҳоро медиҳанд.

Миқдори чунин муассисаҳои таълимӣ дар вилоят сол ба сол меафзояд.

«Туркистон-пресс».

Салтанати морҳо

«Сардори» морҳои афъӣ-Шоҳмори афъӣ дар байни морони заҳрдор азиму пурқуввату аз ҳама калон ба ҳисоб меравад. Дарозии он 5,5-6 метр меояд. Асосан дар ҷангалзорҳои хушки Осиёи Шарқӣ зиндагонӣ мекунад. Вақте ки ба одам ё дигар организми зинда заҳр мезанад, чанд сония ӯро газида меистаду бо ҳамин заҳри зиёди худро мефиристад. Бар зидди заҳри мори мазкур ягон доруву дармонро ёфтан душвор аст. Организми аз он заҳролудгардида дар як дам нобуд мешавад.

Турфа олам

Мори мамбаи Африқо баъди шоҳмори афъӣ дуюмин мори бузурги заҳрдор аст. Ба фикри олимон агар мори мазкур паи ҳам панҷ говро газад ҳам, ҳамаи он мефавтад ва роҳи наҷотро барои онҳо ёфтан душвор аст. Минҷумла, моршинос Фитосиммоно дар китоби худ чунин воқеаро иншо кардааст: яке аз шикорчиён баъди анҷоми шикор ҳамроҳаш мори кушташудаи мамбраро меоварду ба ҳамсараш ҳазл карданӣ мешавад. Вале аз он бехабар, ки мори нар тавассути феремон, ки аз мурдаи мор ҷудо мегардад, онро пайдо карданаш мумкин аст. Фермер аз ҳамсараш илтимос мекунад, ба хонае даромада барояд, ки дар он ҷо мурдаи морро гузошта буд. Шавҳар гумон дошт, ки баробари дидани мурдаи мор гурдаи занаш мекафад ва доду мағалро мебардорад.

Аммо ин тавр нашуд. Ягон садое шунида нашуд ва ҳамсари ба ҳайрат афтода ба хона даромаду ҳангу манг шуда монд. Зеро занаш дар назди мурдаи мор мехобиду дар наздаш мори наринаи мамбро забонашро лесида, хавотиромез ба атроф назар меафканд. Фермер ҳавли ҷон онро нобуд сохт. Вале дере нагузашта, ӯ аз заҳри мори дигари мамбро ҷон дод.

Яке аз сайёҳони машҳури Африқо Кристонну дар дафтари хотираҳояш чунин сатрҳоро иншо кардааст: яке аз рӯзҳо ҳангоми шикор яке аз шикорчиён дар ҷояш шах шуда монд ва ба дастони чапаш чашмро мепӯшонд. Фаҳмидам, ки воқеаи нохуш рух додааст.

Ҳақиқатан мори мамбро ба чашми чапи ӯ заҳр пошида будааст. Филфавр ба ҷои бехафв бурда, бо пешобааш чашмашро шустам. Каме чашмонаш беҳтар гашт. Ду рӯзи дигар ин корро такрор намудем ва фоида овард. Агар ҳамин тавр намекардам, нобино гаштани шикорчӣ ва баъдан фавтидани ӯ муқаррар буд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мори мамбра дар як навбат 3-6 миллиграмм заҳри худро ба масофаи ду метр пошида метавонад.

Шахси таърихӣ ва ё бофтаи муаллиф аст?

Мо китоби Александр Дюма «Граф Монте Кристо» ва филмҳои бадеии аз рӯи ин асар бардоштаро борҳо хондаем ва тамошо кардаем. Вале оё ягон бор ба худ савол додаем, ки ин асар таърихист ва ё бофтаи муаллифи он мебошад?

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки вай асари бофтаи нависанда набуда, далелу воқеаҳои он аз ҳаёт гирифта шудаанду танҳо тахайюлоти адиб ҷо доранд ва аз ҳамин сабаб маҳбубияти калон пайдо кардаанд.

Воқеа ин тавр сурат гирифта буд: дар шаҳри Париж Франсуа Пико ном пойафзолдӯз ҳаёт ба сар мебурд. Вай ба Маргарет Винго ном соҳибҷамоле шинос мешавад, ки сарватманд буда, барои издивоҷ ба ӯ 100000 франк ваъда кард. Яке аз рӯзҳо Франсуа ба қаҳвахонаи дӯсташ Мате Лупиану омада, аз хусуси завҷаиояндааш ҳарф зад. Азбаски Мате ҳам ба Маргарет ошиқ буд, аз паи пешгирии хонадоршавии пойафзолдӯз ба Маргарет гардид.

Вай ба ҳамқадаҳҳояш фармуд, ки каме ҳазломез аз хусуси тақдири Франсуа ба ташкилотҳои болоӣ хабардор кунад. Ҳамин тавр мактуби шикоятӣ пайдо шуд ва дар он сатрҳои зерин иншо ёфтанд: «Франсуа Пикоҷосуси инглисҳо мебошад. Вай вакили бурбонони аз тахт фуромадаро боз ба тахт шинонданист».

Ва ин хатти ҳазломез рост ба комиссари полиса рафта расид. Ба тӯй се рӯз монда буд, ки Франсуа ба ҳабс гирифта шуд. Комиссари полисия истинтоқ нагузаронда, дар хусуси «фитнагар» ба вазорат хабар дод. Ӯро бе ягон суд ба ҳабсхонаи Фенестрели Петмонг супурданд. Вай ҳафт соли умри худро дар ҳабсхона гузаронд. Дар он ҷо бо руҳонии итолиёвӣ ошно гардида, соҳиби 13 миллион франк боигарии он гашт.

Ӯ ба ҷустуҷӯи Маргарет ва тӯҳматгарон шурӯъ мекунад. Маълум мешавад, ки Маргарет баъди ду соли фоҷиа ба ҳамон соҳиби қаҳвахона Лупиану ба шавҳар баромадаасту алҳол соҳиби ду фарзанд мебошад. Шавҳараш яке аз сарватмандон буда, дар Париж тарабхонаи худро дорад.

Франсуа баъди пурсишҳо бохабар гашт, ки яке аз иштирокчиёни фитна Антуан Аллю мебошад. Алҳол дар шаҳри Ниц истиқомат дорад.

Пико бо либоси рӯҳонӣ дар Нил пайдо мешавад ва ба қаҳвахонаи миёнаҳоли Аллю ташриф меоварад. Вай худро рӯҳонии ҳабсхонаи Фенестрел Аббат Балзин шинос мекунад ва илтимоси охирини шодравон Франсуаро иҷро карданашро баён месозад. «Агар шумо номи ана ҳамон муттаҳамҳоро гӯед, ана ин ангуштарини ёқут аз они шумост» мегӯяд. Аллю бе ягон кебиш ташкилотчии ин амалиёт Лупиан буданашу ба он баққол Шамбар ва дӯзанда Солари ҳамроҳ гаштанашонро маълум месозад.

Франсуа бо номи Поспер дар тарабхонаи Лупиан ба сифати хизматгор ҷойгир мешавад. Аввал Шамбарро мекушад ва ба болои мурдаи ӯ навиштаҷоти рақами 1-ро мегузорад. Ба сари Лупиан бисёр ташвишу изтиробҳо меоянд. Яке аз рӯзҳо тарабхонаву манзили истиқоматии Лупианҳо хокистар мегардад. Писари онҳо бо дуздӣ ба даст афтода, ба муддати тӯлонӣ ҳабс мегардад. Солари дар ин миён вафот мекунад ва дар болои қабри ӯ навиштаҷоти «рақами ду» пайдо мешавад. Аввали соли 1820 Маргарет вафот мекунад. Хизматкор Поспер аз Лупиан хоҳиш мекунад, ки духтараш Терезаро фурӯшад. Яъне хизматкор хушдори духтари соҳиби тарабхона мегардад.

Яке аз рӯзҳо ба назди Лупиан шахси ниқобдор меояду мепурсад: «Дар ёд дорӣ, Франсуа Пикониро, ки соли 1807 ба маҳбасхона ҷойгир сохта, номзадашро дуздида будӣ. Ана ҳамон Франсуа манам. Тамоми душвориҳое, ки ба сари ту омад, аз тарафи ман содир карда шуд. Ту сеюмин мебошӣ...»

Ба сари синаи ӯ ханҷар зада шуд ва Франсуа аз паси гурехтан буд, ки касе ӯро маҳкам зер карда, бо ресмон баст. Ӯ Аллю буд, ки Франсуаро ҳамин вақт шинохта, рафторашро муоина мекард. Вай талаб кард, ки нисфи сарваташро ба ӯ бахшад. Вале Франсуа розӣ намешаваду аз зарби ханҷар ҷонро ба ҷаббор месупорад. Аллю ба Англия гурехта мераваду вале ором зиндагонӣ карда наметавонад. Ва ӯ ба Фаронса омада воқеаҳоро нақл мекунад ва он аз бойгонии полиса ҷо мегираду ба дасти нависанда Дюма меафтад. Дюма бошад, воқеаҳоро аз Париж ба Марсел мекӯчонад ва ба мақсади таъсирнок баромадани асар, баъзе воқеаҳоро дигар карда, асари машҳури худро меофарад.

Алҳол дар шаҳри Марсел кӯчаҳои Монте Кристо, Аббат Фариа, Эдмон Дантес ҳастанд. Ба қарибӣ ба қатори онҳо номи Дюма ҳам ҳамроҳ гардид. Ва он муҳаббати бемисли марселиён нисбати нависанда ва қаҳрамонҳои асари ӯ мебошад.

Мутафаккирон андар ситоиши илму хирад

Илму хирад равшангари ҳаёту зиндагӣ ва пойдевориояндаи ҳар як инсон мебошанд. Онҳо чун сипар инсонро аз ҳар гуна хавфу хатар ва бадбахтиву офатҳо эмин нигаҳ медоранд. Одам маҳз тавассути илму хирад пешомадҳои хешро дарк мекунад, некиро аз бадӣ ва ҳақро аз ботил тафриқа менамояд. Ин маъниро Фирдавсии бузург чунин тафсир медиҳад:

Касе, к-ӯ бубинад саранҷоми бад,
Зи кирдори бад бозгаштан сазад,
Валек аз хирад гардад ороста,
Ҷу ганҷе бувад пурзару хоста.

Ва боз:

Хирад парварад ҷони донандагон,
Хирад раҳ намояд ба хонандагон.

Оре, ҳаёт собит кардааст, ки бехирадӣ, ҷаҳолат, ситамкорӣ, хашм дар дили инсон ниятҳои бадро ба ҷӯш мераду касро аз зиндагии маънавӣ маҳрум месозад. Шахсе, ки соҳиби илму хиради қавист аз ҳеҷ гуна хавфу хатар намеҳаросад, баръакс забони гӯёву бурро ва тавоно дорад.

Ба ин маънӣ Шайх Саъдӣ мегӯяд:

Вуҷуди мардуми доно мисоли зарру тилост,
Ки ҳар куҷо, ки равад қадру қиматаш донанд.

Инак, илму дониш ба одам хирад мебахшад ва хирад роҳи инсонро мунаввар месозад. Бе дониши мукаммал ва омӯзишҳои пайваста, касе ҳаёти зебои фараҳбахшро аз сар нагузарондааст. Саъдӣ дар бобати омӯзиши илму амал, анъанаҳои гузаштагонро идома дода, илмро зарурати ҳаёти инсон медонад ва мегӯяд:

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Ҷун амал дар ту нест, нодонӣ.
На муҳаққиқ бувад, на донишманд,
Ҷорпое бар ӯ китобе ҷанд.

Саноӣ низ ба ин маънӣ мефармояд:

Илм бо кор судманд бувад,
Илм бе кор пойбанд бувад.

Ва боз:

Дониш он ҷо, ки рӯ ба халқ орад,
Мағзи дониш ба халқ бигзорад.

Ҳамин тариқ мутафаккире бинобар ҳаёти худ ба чунин хулоса омада: «Умрро бо кадом шуғл бояд сарф кард? Ба таҳсили улум. Давлатро сарф кунӣ, кам мешавад, илмро сарф кунӣ, зам мешавад».

Пас, ҳеҷ неъмат шарифтар аз илм набудааст.

Ниёкони бузурги мо беҳуда нагуфтаанд: «Олими беамал занбӯри беасал».

Тавре ки аз панду андарзҳои болоӣ бармеояд, илму хирад инсонро ба қуллаҳои баланд ва шоҳроҳи ҳаёти манфиатбахш мерасондааст.

Ва инак чанд ҳикмати ҳакимон роҷеъ ба илму хирад пешкаши шумо хонандагони арҷманд мегардад:

Хирадманд гӯяд, ки табйиду фар,
Ба дониш ба мардум расад не ба зар.

Мар онро, ки дониш бувад, тӯша бурд,
Бимирад танаш, ном ҳаргиз намурд.

Тан ба ҷон зиндаст, ҷон зинда ба илм,
Дониш андар конӣ ҷонат гавҳар аст.

Хирад беҳтар аз чашму биноӣ аст,
На биноӣ, афзун зи доноӣ аст.

Хирад бод ҳамвора солори ту,
Мабод аз ҷаҳон ҷуз хирад ёри ту.

Ҳар он кас, ки гардад зи роҳи хирад,
Саранҷом пеҷад ба кирдори бад.

Ҳамеша хирадро ту дастур дор,
Бад ӯ ҷонат аз носазо дур дор.

Таҳиягар Ғ. БЕКНАЗАРОВ.

Танҳо вазифаи соҳа нест!

Аз беморини сил соле дар ҷаҳон то 3 млн. нафар ҳалок мегардад, ки 300 ҳазори он аз ҷумлаи бачаҳо мебошад.

Дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон вазъи мавҷуда рӯ ба беҳбудӣ намениҳад ва хусусан дар минтақаи мо низ ин аҳвол боиси нигаронӣ гаштааст.

Дар мавзӯи мазкур дар сӯҳбати «мизи мудаввар», ки дар Маркази таълими ҷумҳурии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Ӯзбекистон барпо шуд ва он ба Рӯзи байналмилалии муборизаи зидди сил (24.03) бахшида шуд, сухан рафт.

Дар он ғайр аз соҳаҳои мутасаддии ҷумҳурӣ созмонҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ низ ширкат доштанд. Академик Абдулло Убайдуллоев аз он изҳори нигаронӣ намуд, ки дар ҳоле ки дар Ӯзбекистон ба ҳисоби миёна ба сад ҳазор 64,5 нафар мубталои сил рост ояд, дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон он 128 нафарро ташкил менамояд. Барои қиёс: дар Қазоқистон 154, дар Қирғизистон 132, Русия 91 ва Тоҷикистон 39,7 нафар ба ин беморӣ гирифторанд. Инчунин ба ҳисоб гирифта шудааст, ки рӯзе дар ҷаҳон 22 ҳазор нафар бемори сил мегарданд.

Дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва дигар фазои собиқи шӯравӣ дар солҳои 90-уми қарни гузашта бемории сил ривоҷ ёфт, ки ин ба иллати поён омадани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба амал омад. Хусусан дар ҳавзаи баҳри Арал ба туфайли вазъи хароби экологӣ ва коҳиши ҳаёти иҷтимоӣ вазъи эпидемиологӣ ташвишовар мебошад.

Дар Ӯзбекистон созмонҳои гуногуни чӣ ватаниву чӣ хориҷӣ бо масъалаи бемории сил машғул мебошад. Созмони байналмилалии «Духтурони бидуни сарҳад», лоиҳаи ДОТС (услуби байналмилалии химиотерапияи маҷмӯъ) инчунин ҷиддан бо табобат ва пешгирии ин беморӣ машғуланд. Бо мақсади паҳн намудани маърифати парҳез аз беморӣ, пешгирӣ ва даво намудани он ходимони ин ташкилотҳо дар маҳалҳои гуногун ходимони тиббиро ба ин соҳа меомӯзонанд ва барои давои бемории сил махсус таълим дода шудаанд. Танҳо бо роҳи лоиҳаи ДОТС, ки аз соли гузашта инҷониб дар ҷумҳурӣ фаъолият дорад, 2970 нафарро аз бемории сил табобат намудаанд, ки 1777 кас аз он аз Қароқалпоқистон мебошад.

Аз роҳи лоиҳаи ҲОУП (ИМА) инчунин корҳои назаррас анҷом дода мешавад. ҲОУП асосан бо базаи техникӣ соҳаи муборизаи зидди силро таъмин менамояд. Дар сӯҳбати «мизи мудаввар» гуфта шуд, ки 25 ҳазор доллар барои табобати ҳар як бемор харҷ мегардад, ки ин водор менамояд сил то ин ки ангезиш пайдо намояд, табобат карда шавад.

Ҳоло аз рӯи ҳисоби мутахассисон дар ҷаҳон бештар аз ҳама мубталоёни сил назар ба маҷмӯи ҳамаи дигар бемориҳои сирояткунанда вафот мекунанд. Ва ҳар як бемори сил то 10-12 нафари дигарро метавонад ба ин маризӣ гирифтор кунад. Аз ин боис муборизаи зидди сил вазифа ва кори танҳо соҳаҳои марбут нест, ки ин мӯҳтавои ниҳояти сӯҳбати «мизи мудаввар» буд.

Т. ИКРОМОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе мебарояд.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 344.
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000800101767001,
МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **А. СУБҲОН.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М.
ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.